ФУРӮШ МАНЪ АСТ.

СОБИҚ МУАЛЛИМИ МАЪҲАДИ ҲАРАМ ДАР МАСҶИДИ НАБАВӢ

مترجم الى اللغة الطاجيكية

# МУХТАСАРИ МУФИД БАРОИ САРГУЗАШТИ МУСТАФО ﷺ ВА АХЛОҚИ Ӯ

ҲАЙСАМ ИБНИ МУҲАММАД САРҲОН

# МУХТАСАРИ МУФИД БАРОИ САРГУЗАШТИ МУСТАФО ﷺ ВА АХЛОҚИ Ӯ


**БА ҚАЛАМИ УМЕДКУНАНДАИ**

**АВФИ ПАРВАРДИГОРАШ**

**ҲАЙСАМ ИБНИ МУҲАММАД САРҲОН**

**СОБИҚ МУАЛЛИМИ МАЪҲАДИ ҲАРАМ**
**ДАР МАСҶИДИ НАБАВӢ ВА РОҲБАРИ**
**СОМОНАИ ТАЪСИЛИ ИЛМӢ**

**ТАРҶУМОН**

**ШАҲОБИДДИН СОЛИҲ**

# الْمُخْتَصَرُ الْمُفِيدُ

# لِسِيرَةِ النَّبِيِّ الْمُصْطَفَى ﷺ وَشَمَائِلِهِ


بقلم الفقير إلى عفو ربّه:

هيثم بن محمَّد سرحان

المدرِّس بمعهد الحرم بالمسجد النَّبويِّ -سابقًا-

والمشرف على موقع التَّأصيل العلميِّ


المترجم

شهاب الدين صالح

http://attasseel-alelmi.com

غفر الله له ولوالديه ولمن أعانه على إخراج هذا الكتاب

الطَّبعة الأولى

جميع الحقوق محفوظةٌ
إلَّا من أراد طبعه أو ترجمته لتوزيعه مجَّانًا بعد مراجعة المؤلِّف

الرَّجاء التَّواصل على:
islamtorrent@gmail.com

فسح وزارة الإعلام

# Пешгуфтор

**Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим**

Албатта сипосу ситоиш барои Аллоҳ аст. Аз Ӯ талаби ёрӣ ва ҳидоят ва омурзиш мекунем. Ва ба Аллоҳ аз нафсҳои бадамон ва аз кирдорҳои нописандамон паноҳ талаб мекунем. Касеро Аллоҳ ҳидоят кунад, пас ӯро касе гумроҳ нахоҳад кард ва касеро Аллоҳ гумроҳ кунад, пас ӯро касе ҳидоят намекунад. Ва гувоҳӣ медиҳам ин ки маъбуди барҳаққе нест магар Аллоҳи ягона, ки Ӯро шарике нест ва гувоҳӣ медиҳам ин ки Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам банда ва паёмбари Аллоҳ аст.

**Эй ононе, ки имон овардаед аз Аллоҳ битарсед чунончи шоистаи Аллоҳтарсист. Ва намиред магар мусалмон**. Сураи Оли Имрон, ояти:102

**Эй мардум аз Парвардигори худ битарсед! Он Аллоҳе, ки ҳамаи шуморо аз як тан биёфарид ва ҳам аз он ҷуфти ӯро халқ кард. Ва аз он ду тан халқи бисёр дар атрофи олам аз марду зан барангехт. Ва битарсед аз он Аллоҳе, ки ба номи Ӯ аз якдигар дархост мекунед ва дар бораи арҳом (хешу табор) кутоҳӣ накунед, ки ҳамоно Аллоҳ назоратгари амалҳои шумост**. Сураи Нисо, ояти:1

**Эй ононе, ки имон овардаед! Аз Аллоҳ битарсед ва сухани ҳаққу дуруст бигӯед, то Аллоҳ амалҳои шуморо бо лутфи худислоҳ намояд ва аз гуноҳони шумо даргузарад. Ва ҳар ки Аллоҳ ва паёмбари Ӯро итоат кунад, албатта ба саодат ва фирузии бузург ноил гардидааст.** Сураи Аҳзоб, ояти:70-71

Аммо баъд: Ин суханони осоне аст, ки барои касе ки андаке таваҷҷӯҳ барои шинохтани паёмбараш ﷺ ва саргузашти Ӯ ва роҳнамоии Ӯро дорад, муҳим аст. Ибни Қайим раҳимаҳуллоҳ гуфт: (Ҳаргоҳ саодати банда дар ду дунё ба роҳнамоии Паёмбар ﷺ вобаста бошад, пас бар ҳар касе ки насиҳатгари худ ва наҷоту саодати худро бихоҳад, воҷиб аст, ки аз ҳидоят, саргузашт ва шаъни Ӯ он миқдоре омӯзад, ки вайро аз гурӯҳи ҷоҳилон берун намояд ва дар гурӯҳи пайравон, ёридиҳандагон ва ҳизби Ӯ ﷺ гардонад. Ва одамон дар миёни камкунанда ва бисёркунанда ва маҳрум ҳастанд ва фазл дар дасти Аллоҳ аст ба ҳар кас бихоҳад медиҳад ва Аллоҳ соҳиби фазли бузург аст).

Аз Аллоҳ таъоло мепурсам, ки ба ман ва шумо муҳаббати паёмбараш ﷺ-ро ва итоати Ӯро дар чизе ки амр кард ва парҳез кардан аз он чизе ки манъ ва сарзаниш кардааст, насиб гардонад. Эй Аллоҳ, бар Муҳаммад ва оилаи Муҳаммад салот фиристед, ҳамонгуна ки бар Иброҳим фиристодед ва Муҳаммад ва оилаи Муҳаммадро баракат диҳед, ҳамонгуна ки Иброҳим ва оилаи Иброҳимро баракат додед, албатта Ту Ҳамиду Маҷид ҳастед ва ҳамду ситоиш барои Аллоҳ Парвардигори оламиён аст.

# ҚИСМИ АВВАЛ: РАФТОР ВА РОҲНАМОИИ ПАЁМБАР САЛЛАЛЛОҲУ АЛАЙҲИ ВА САЛЛАМ

# Рафтори Ӯ ﷺ

**НАСАБИ Ӯ ﷺ**

Ӯ ﷺ Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ибни Абдулмутталиб ибни Ҳошим ибни Абдуманоф ибни Қусай ибни Килоб ибни Мурра ибни Каъб ибни Луай ибни Ғолиб ибни Феҳр ибни Молик ибни Назр ибни Кинона ибни Хузайма ибни Мудрика ибни Илёс ибни Музар ибни Низор ибни Маъад ибни Аднон ва Аднон аз насли Исмоили Забеҳ ибни Иброҳими Халил алайҳимус салом аст. Ва Ӯ ﷺ мутлақо беҳтарини аҳли замин аз рӯи насаб аст ва дар ҳадисе ки Ҳирақл подшоҳи Рум ба Абӯсуфён разияллоҳу анҳу гуфт: "Туро аз насабаш пурсидам? Пас гуфтӣ, ки Ӯ дар миёни шумо соҳиби насаб аст, пас инчунин расулон дар насаби қавмашон фиристода мешаванд".

**Ихтиёри Ӯ ﷺ**

Расулуллоҳ ﷺ фармуд: "**Албатта Аллоҳ Кинонаро аз насли Исмоил ихтиёр кард ва Қурайшро аз Кинона ихтиёр кард ва аз Қурайш Бани Ҳошимро ихтиёр кард ва маро аз Бани Ҳошим ихтиёр кард**".

**НОМҲОИ Ӯ ﷺ**

Ҳамаашон сифатҳо мебошанд ва номҳои холис нестанд, ки танҳо шинохтанро ифода кунанд, балки ин номҳо аз сифатҳое ки дар Ӯ ҳастанд гирифташудаанд, ки муҷиби ҳамду сано ва камоли Ӯст.

**МУҲАММАД**

Муҳаммад машҳуртарин номҳои Ӯ ﷺ аст, дар Таврот ба ин ном сароҳатан номида шудааст ва маънои он: (Дорои хислатҳои зиёде, ки бар онҳо ситоиш мешавад).

**АҲМАД**

Яъне: Ҳамдгӯяндатарини халқ ба Аллоҳ ва Ӯро сокинони осмону замин ва аҳли дунёву охират барои хислатҳои бисёраш ситоиш мекунанд ва Исои Масеҳ Ӯро Аҳмад номида аст.

**МУТАВАККИЛ**

Ба ин ном ниҳода шуд, зеро Ӯ дар барпо кардани Дин бар Аллоҳ таваккул кард, ки дар ин таваккул кардан дигаре бо Ӯ шарик нест.

## НОМҲОИ Ӯ ﷺ

| | |
|---|---|
| **АЛ-МОҲӢ** | Аллоҳ куфрро ба сабаби Ӯ барҳам медиҳад ва ба воситаи ягон кас куфрро барҳам надода буд, ҳамчуноне ки ба воситаи Ӯ куфрро барҳам дод. |
| **АЛ-ҲОШИР** | Касе ки мардум дар пеши пойҳои Ӯ ҳашр мешаванд, гӯё ки барои барангехтани мардум фиристода шудааст. |
| **АЛ-ОҚИБ** | Касе ки баъд аз Ӯ паёмбаре нест, пас Ӯ хатмкунандаи паёмбарон аст. |
| **АЛ-МУҚАФФӢ** | Касе ки бар осори пеш аз худ гузаштаҳо пайравӣ намояд, пас Аллоҳ Ӯро аз пайи расулони собиқ фиристод. |
| **Набиюттавба** | Касе ки Аллоҳ ба сабаби вай дари тавбаро ба рӯи аҳли замин кушод, пас тавбаи онҳоро қабул кард, ки барои онон монанди он пеш аз вай ҳосил нашуда буд. Ва Паёмбар ﷺ бисёр талаби мағфираткун ва тавбакунанда буд. |
| **Набиюлмалҳама** | Он ки дар ҷиҳоди душманони Аллоҳ фиристода шуд, ҳаргиз ягон паёмбар ҳамроҳи умматаш ҷиҳод накард ба андозае ки Расулуллоҳ ﷺ ҳамроҳ бо умматаш ҷиҳод карданд. Ва ҷангҳои бузурге ки рӯх дод, пеш аз Ӯ рӯх надода буд. |
| **Набиюрраҳмат** | Он ки Аллоҳ Ӯро раҳмат барои ҷаҳониён фиристод, пас ба сабаби Ӯ Аллоҳ тамоми аҳли заминро раҳмат кард, аммо мӯъминон раҳмати бештаре ба даст оварданд ва аммо кофирони аҳли китоб дар зери соя ва аҳди Ӯ зиндагӣ мекарданд. |
| **Фотеҳ** | Он ки Аллоҳ ба сабаби Ӯ дарвозаи ҳидоятро баъде ки возеҳ набуд кушод ва ба Ӯ чашмони кӯр ва гуши кар ва дилҳои маҳкамро кушод ва Аллоҳ ба сабаби Ӯ шаҳрҳои кофиронро кушод ва ба сабаби Ӯ дарвозаҳои Ҷаннатро кушод ва ба сабаби Ӯ роҳҳои илми нофеъ ва амали накӯро кушод. |

## НОМҲОИ Ӯ ﷺ

**Амин**

Ӯ сазовортарини оламиён ба ин ном аст, зеро Ӯ амини Аллоҳ бар ваҳй ва динаш аст ва Ӯ амини касе, ки дар осмонҳо ва касе ки дар замин аст, мебошад, балки кофирони Қурайш Ӯро пеш аз паёмбарияш амин номида буданд.

**Башир**

Барои касе ки Ӯро итоат кунад, ба аҷру савоб башоратдеҳ ва барои касе ки Ӯро исён кунад, ба иқоб бимдиҳанда аст.

**Сайиди фарзан-дони Одам**

Паёмбар ﷺ фармуд: "Ман дар рӯзи қиёмат сайиди фарзандони Одам ҳастам ва фахр намекунам".

**Сироҷи Мунир**

Он ки бесӯзондан равшанӣ мебахшад, баракси нурпошӣ, ки дар он навъи сӯзондан аст.

Ӯ як бандаи Аллоҳ аст, ки дорои бандагии хоссатулхос аст, зеро Ӯ мартабаҳои бандагиро ба камол расондааст.

## СИФАТҲОИ Ӯ ﷺ БА ТАВРИ ИХТИСОР

Комилтарин сифати Ӯ ﷺ сифатест, ки худашро ба он васф кардааст. Паёмбар ﷺ фармуд: "Ман Муҳаммад бандаи Аллоҳ ва расули Ӯ ҳастам, дӯст намедорам, ки маро аз манзалате ки Аллоҳ азза ва ҷалл ба ман додааст, боло бардоред".

Паёмбар ﷺ беҳтарини мардум аз рӯи халқ ва рафтор буд. Аллоҳ таъоло фармуд: "**Ва ҳароина ту дар бузургтарин ахлоқ ҳастӣ**". (Сураи Қалам, ояти: 4) Ва Оиша разияллоҳу анҳо гуфт: "Ахлоқи Ӯ Қуръон буд", ба Қуръон амал мекард ва дар назди ҳудуди он меистод, пас барои ризои он розӣ мешуд ва барои ғазаби он ғазаб мекард.

**Халилуллоҳ**

Паёмбар ﷺ фармуд: "Ҳароина Аллоҳ маро халил гирифт, ҳамчуноне ки Иброҳимро халил гирифта буд".

## Ҷасади шарифи Ӯ ﷺ

**Сифатҳои халқии Ӯ ﷺ**

Анас ибни Молик разияллоҳу анҳу гуфт: "**Ранги Расулуллоҳ ﷺ равшан ва тобанда буд, қатраҳои арақи Ӯ монанди марворидҳо буд, чун роҳ мерафт пояшро ба қувват мебардошт ва ман ҳаргиз абрешимеро нармтар аз кафи дасти Расулуллоҳ ﷺ нақапидаам ва на ҳаргиз мишку анбаре хушбӯтар аз бӯи Паёмбар ﷺ-ро бӯй кашидаам**".

## СИФАТҲОИ ХАЛҚИИ Ӯ ﷺ

| | |
|---|---|
| **Қомати ӯ** | Баро ибни Озиб разияллоҳу анҳумо гуфт: "Расулуллоҳ ﷺ миёнақад буд, масофаи миёни ду шонаи вай кушод буд, мӯйҳояш ба нармии гушҳояш мерасид, Ӯро дар як ҷомаи сурх дидам, ки ман ҳаргиз ҳеҷ касро хубтар аз Ӯ надидаам". |
| **Чеҳраи Ӯ** | Каъб ибни Молик разиялоҳу анҳу гуфт: "Ҳангоме ба Паёмбар ﷺ салом кардам, дар ҳоле ки чеҳрааш аз шодӣ медурахшид ва вақте ки Расулуллоҳ ﷺ шод мешуд, рӯи Вай нуронӣ мешуд, то он ки гӯё рӯи Вай порчае аз моҳ бошад ва мо Ӯро мешинохтем (яъне хурсандии Ӯро аз равшании рӯи Ӯ мешинохтем)".<br>Аз Баро разияллоҳу анҳу пурсида шуд: Оё рӯи Паёмбар ﷺ монанди шамшер буд? Гуфт: Не, балки монанди моҳ буд. |
| Мӯйи Ӯ | Анас ибни Молик разияллоҳу анҳу мегӯяд: "Паёмбар ﷺ дастони бузург дошт, баъди Ӯ монанди онро надидам ва мӯйи Паёмбар ﷺ фурӯҳишта (овезон) буд, на ҷингила буд ва на нарм". |
| **Чашми Ӯ** | Ҷобир ибни Самура разияллоҳу анҳу мегӯяд: "Расулуллоҳ ﷺ даҳони кушод дошт, сафедии чашмҳояш омехта ба сурхӣ буд, пошнаҳои пойҳояш камгушт буд". |
| **Арақи Ӯ** | Анас ибни Молик разияллоҳу анҳу гуфт: "Паёмбар ﷺ назди мо меомаду дар назди мо қайлула мекард, пас арақ кард. Модарам як зарфи шишагӣ овард, пас арақи Ӯро дар он зарф ҷамъ меовард. Паёмбар ﷺ бедор шуду фармуд: Эй Умми Сулайм чӣ кор мекунӣ? Гуфт: Арақатро дар хушбӯиҳоямон омехта мекунем ва арақи Ту аз беҳтарини хушбӯиҳост". |
| **Хотами нубувват** | Муҳри нубувват дар байни шонаҳояш буд ва он чизи намоён дар ҷасади Ӯ ﷺ монанди хол буд. Аз Ҷобир ибни Самура разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки гуфт: "**Муҳри нубувватро дар назди шонааш дидам, ки монанди тухми кабутар буд ва ранги он монанди ранги ҷасадаш буд**". |

# СИФАТҲОИ АХЛОҚИИ Ӯ ﷺ

| | |
|---|---|
| **Эҳтироми саҳобагонаш Ӯ ﷺ-ро** | Амр ибни Ос разияллоҳу анҳу гуфт: "Ягон кас дар назди ман маҳбубтар аз Расулуллоҳ ﷺ набуд ва дар чашмонам бузургтар аз Ӯ набуд ва ба хотири эҳтироми Ӯ чашмонамро аз дидори Ӯ пур намекардам ва агар аз васфи Ӯ пурсида шавам, Ӯро васф карда наметавонам, зеро ман чашмонамро аз Ӯ пур намекардам". Ва Урва ибни Масъуди Сақафӣ Паёмбар ﷺ-ро дар рӯзи Ҳудайбия барои Қурайш васф карда мегуфт: "Савганд ба Аллоҳ ҳаргиз подшоҳеро надидам, ки ёронаш ӯро таъзим кунанд, он андозае ки ёрони Муҳаммад ﷺ Муҳаммадро таъзим мекунанд. Савганд ба Аллоҳ, оби бинияшро наме-афшонад, магар ки дар дасти марде аз ёронаш воқеъ мешавад, пас онро дар рӯ ва пусташ мемолад ва ҳаргоҳ ононро амр диҳад, барои иҷрои амри Ӯ шитоб мекунанд ва ҳаргоҳ вузӯ бигирад, қариб ки барои оби таҳораташ ба якдигар ҷанг мекунанд ва вақте сухан кунад, овозҳояшон-ро дар назди Ӯ паст мекунанд ва ба хотири эҳтироми Ӯ ба сӯи Ӯ назар намекунанд ". |
| **Одоби Ӯ бо Аллоҳ** | Аз Абдуллоҳ ибни Шиххир разияллоҳу анҳу ривоят аст, ки гуфт: "Гуфтем: Шумо сийиди мо ҳастед. Расулуллол ﷺ фармуд: Сайид Аллоҳ таборак ва таъолост. Гуфтем: Шумо аз ҳама бузургтар ва аз ҳама саховатмандтаред. Фармуд: Ҳамин сухан ё баъзеи онро бигуед, шайтон бар шумо ғалаба накунад". |
| **Шуҷоати Ӯ** | Алӣ разияллоҳу анҳу гуфт: "Ҳаргоҳ ҷанг шиддат мегирифт ва қавм бо қавм рӯ ба рӯ мешуд, мо ба Расулуллоҳ ﷺ паноҳ мебурдем, пас ягон нафари мо ба қавм аз Ӯ наздиктар набуд". |
| **Тарси Ӯ** | Паёмбар ﷺ фармуд: "Савганд ба Аллоҳ, Ман аз ҳамаи шумо бештар аз Аллоҳ метарсам ва ботақвотарини шумо ҳастам". |
| **Некии Ӯ ба аҳалаш** | Паёмбар ﷺ фармуд: "Беҳтарини шумо касест, ки нсбати хонаводааш рафтори нек дорад ва Ман некӯтарини шумо барои хонаводаам ҳастам". |
| **Ҳаёи Ӯ** | Абӯсаъиди Худрӣ разияллоҳу анҳу гуфт: "Расулуллоҳ ﷺ бештар аз ҷавондухтар шарму ҳаё дошт ва ҳангоме ки чизеро намеписандид, таъсири онро дар рӯяш медидем". |
| **Осонгирии Ӯ** | Оиша разияллоҳу анҳо гуфт: "Паёмбар ﷺ байни ду чиз ихтиёр дода намешуд, магар ки осонтарини онро ихтиёр мекард, модоме ки гуноҳ намебуд, агар гуноҳ мебуд, аз он дуртар буд". |

## СИФАТҲОИ АХЛОҚИИ Ӯ ﷺ

| | |
|---|---|
| **Барои худаш интиқом намегирифт** | Оиша разияллоҳу анҳо гуфт: "Савганд ба Аллоҳ, ҳаргиз Паёмбар ﷺ барои худаш интиқом намегирифт, то ки қонунҳои Аллоҳ вайрон карда мешуд, пас барои Аллоҳ интиқом мегирифт". |
| **Таомро айб намегирифт** | Оиша разияллоҳу анҳо гуфт: "Расулуллоҳ ﷺ ҳаргиз таомеро айб намегирифт, агар онро мехост, мехӯрд ва агар онро намеписандид, тарк мекард". |
| **Ҳадияро қабул мекард** | Оиша разияллоҳу анҳо гуфт: "Расулуллоҳ ﷺ ҳадияро қабул мекард ва бар он мукофот медод". |
| **Садақа намехӯрд** | Паёмбар ﷺ фармуд: "Албатта хонаводаи Муҳаммад ﷺ садақа намехӯранд". |
| **Тавозӯъи Ӯ** | Уқба ибни Омир разияллоҳу анҳу гуфт: "Марде пеши Паёмбар ﷺ омад, пас бо Ӯ сухан кард, мушакҳои синааш меларзид, пас Паёмбар ﷺ ба вай гуфт: "Бар худ сахт магир, Ман подшоҳ нестам, ҳароина Ман писари зане ҳастам, ки гӯшти буридашуда мехӯрд". |
| **Хидмати Ӯ ба аҳлаш** | Асвад ибни Язид раҳимаҳуллоҳ мегӯяд: Оиша разияллоҳу анҳоро пурсидам: Паёмбар ﷺ дар хонааш чӣ мекард? Гуфт: "Дар хидмати аҳлаш буд, ҳаргоҳ вақти намоз мешуд, барои намоз мебаромад". |
| Ба чоҳилон аҳамият намедод | Паёмбар ﷺ фармуд: "Оё тааҷҷуб намекунед, ки Аллоҳ чигуна дашномҳои мушрикони Қурайш ва лаънат кардани онҳоро аз Ман боз медорад, мазамматшударо дашном медиҳанд ва лаънат мекунанд ва Ман Муҳаммадам". |
| **Сидқи Ӯ** | Абдуллоҳ ибни Масъуд разияллоҳу анҳу гуфт: Ба мо Расулуллоҳ ﷺ сухан кард ва Ӯ ростгӯву тасдиқшуда аст. |
| **Рафтори Ӯ бо хидматгораш** | Анас разияллоҳу анҳу гуфт: "Расулуллоҳ ﷺ-ро даҳ сол хидмат кардам, савганд ба Аллоҳ ҳаргиз ба ман уф нагуфт ва он чизе ки кардам, ба ман нагуфт, ки чаро ин корро кардӣ ва куреро, ки накардам, нагуфт, ки оё чунин накардӣ". |

## СИФАТҲОИ АХЛОҚИИ Ӯ ﷺ

### Паёмбар ﷺ аз ёронаш ба чизе фарқ намекард ва дилкушод буд

Анас ибни Молик разияллоҳу анҳу гуфт: Вақте мо дар масҷид нишаста будем, марде бо шутур дохили масҷид шуд, пас онро дар масҷид хобонид, сипас онро баст, ба онон гуфт: Кадоми шумо Муҳаммад аст? Расулуллоҳ ﷺ дар байни онҳо такиязада буд. Ровӣ гуфт: Ба ӯ гуфтем: Ин марди сафеди такиязада аст, пас мард ба Ӯ гуфт: Эй писари Абдулмутталиб, пас Расулуллоҳ ﷺ гуфт: "Туро ҷавоб додам". Мард гуфт: Эй Муҳаммад, ман туро сахт суол мекунам, пас бар ман ғазаб накун. Расулуллоҳ ﷺ фармуд: "Пурс, он чи мехоҳӣ". Он мард гуфт: Туро ба Парвардигорат ва Парвардигори пешиниён мепурсам, оё Аллоҳ Туро барои ҳамаи мардум паёмбар фиристод? Расулуллоҳ ﷺ фармуд: "Эй Аллоҳ, оре", гуфт: Туро ба Аллоҳ мепурсам, оё Аллоҳ Туро амр кард, ки дар як шабонарӯз панҷ вақт намоз хонем? Пас Расулуллоҳ ﷺ фармуд: "Эй Аллоҳ, оре". Он мард гуфт: Туро ба Аллоҳ мепурсам, оё Аллоҳ Туро амр кард, ки ин моҳи солро рӯза бигирем? Расулуллоҳ ﷺ фармуд: "Эй Аллоҳ, оре". Он мард гуфт: Туро ба Аллоҳ мепурсам, оё Аллоҳ Туро амр кард, ки ин садақаро аз бойҳои мо бигирӣ, пас ба фақирони мо тақсим намоӣ? Расулуллоҳ ﷺ фармуд: "Эй Аллоҳ, оре". Пас он мард гуфт: Ба он чи овардаӣ имон овардам ва ман намояндаи қавми худам ҳастам ва ман Зимом ибни Саълаба бародари Бани Саъд ибни Бакр ҳастам.

### Нони Ӯ

Оиша разияллоҳу анҳо гуфт: "Хонаводаи Муҳаммад ﷺ ду рӯз пай дар пай аз нони ҷавин сер накард, то ки Расулуллоҳ ﷺ миронида шуд".

### Зуҳди Ӯ ﷺ дар дунё

Паёмбар ﷺ фармуд: "Маро шод намекунад, ки Ман ба монанди кӯҳи Уҳуд тило дошта бошам, бар Ман се шаб нагузарад ва дар назди Ман як диноре аз он боқӣ монад, магар чизе ки барои қарзам нигаҳ дорам, магар ки онро дар бандагони Аллоҳ инчунин ва инчунин ва инчунин тақсим кунам".

### Дашном намедод

Оиша разияллоҳу анҳо гуфт: "Паёмбар ﷺ бадгуфтор набуд ва на ба такаллуф фаҳш мегуфт ва на садояшро дар бозорҳо баланд мекард ва на бадиро ба бадӣ подош медод, балки гузашт ва авф мекард".

### Дасти занеро нақапида аст

Оиша разияллоҳу анҳо гуфт: "Ҳаргиз кафи дасти Расулуллоҳ ﷺ дасти занеро ламс накардааст".

**СИФАТҲОИ АХЛОҚИИ Ӯ ﷺ**

**Хона ва вазъи зиндагии ӯ**

Умар разияллоҳу анҳу гуфт: Ман ба назди Расулуллоҳ ﷺ даромадам, дар ҳоле ки бар буриё качпаҳлу карда буд, пас нишастам ва чодарашро бар ӯ наздик кард ва ҷуз он чизе надошт, инҳангом буриё бар паҳлуи Ӯ таъсир карда буд. Пас дар хазинаи Расулуллоҳ ﷺ назар кардам, пас ман як қабзаи ҷавро дидам, ки қариб як соъ буд ва монанди он дар гӯшаи хона қараз (барги гиёҳ) буд ва пусте овехта буд... гуфт: Пас аз чашмонам ашк ҷорӣ шуд, пас ﷺ фармуд: Эй писари Хаттоб чаро гиря мекунӣ?! Гуфтам: Эй паёмбари Аллоҳ, чаро гиря накунам ва ин буриё дар паҳлуи Ту таъсир кардааст ва ин хазинаи Ту дар он намебинам, магар чизеро ки мебинам. Ва Қайсару Кисро дар боғҳои пурсамар ва (дар назди) дарёҳо зиндагӣ доранд ва Ту Расулуллоҳ ﷺ ва ихтиёркардаи Ӯ ҳастӣ ва ин хазинаи Туст?! Пас фармуд: "Эй Ибни Хаттоб оё намехоҳӣ, ки барои мо охират ва барои онҳо дунё бошад?". Гуфтам: Бале, мехоҳам".

# Имтиҳони аввал

| савол | дуруст | хато |
|---|---|---|
| ❂ Саодати банда дар дунё ва охират ба ҳидояти Паёмбар ﷺ вобаста аст. | ☐ | ☐ |
| ❂ Расулон дар насаби қавмашон фиристода мешаванд. | ☐ | ☐ |
| ❂ Комилтарин сифати Ӯ ﷺ сифатест, ки худро ба он васф кардааст "Ман Муҳаммад бандаи Аллоҳ ва фиристодаи Ӯ ҳастам". | ☐ | ☐ |
| ❂ Абрешим ва ҳарир аз кафи дасти Паёмбар ﷺ нармтар буд. | ☐ | ☐ |
| ❂ Аллоҳ барои паёмбараш ﷺ камоли ахлоқ ва табиатҳои накӯро ҷамъ овард ва ба Ӯ илму фазл ва он чизе ки дар он наҷот, пирӯзӣ ва дар дунёву охират саодат аст, ато намуд, ки ба ягон нафари ҷаҳониён ато накардааст. | ☐ | ☐ |
| ❂ Расулон Паёмбар ﷺ нохонда аст, ки хонда ва навишта наметавонад ва Ӯро муаллиме аз башар таълим надода аст. | ☐ | ☐ |

❂ Мутлақо беҳтарини аҳли замин аз рӯи насаб аст: ☐ Юнус ибни Матто ﷺ ☐ Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ﷺ.
❂ Номҳои Ӯ ﷺ: ☐ Ҳамаашон сифатанд. ☐ Номҳои маҳзанд, ки танҳо ифодаи шинохтан мекунад. ☐ Аз сифатҳои Ӯ гирифта шудааст, ки мучиби мадҳу камоли Ӯст. ☐ Ҳамагӣ. ☐ Танҳо якум ва сеюмаш.
❂ "Ахлоқи Ӯ Қуръон буд" яъне: ☐ Барои ризои он розӣ мешуд. ☐ Барои ғазаби он ғазаб мекард. ☐ Ҳамагӣ.
❂ Халили Аллоҳ: ☐ Иброҳим алайҳис салом. ☐ Муҳаммад ﷺ . ☐ Ҳамагӣ.
❂"Расулуллоҳ ﷺ азҳаруллавн буд" яъне: ☐Гандумӣ ☐ сафед ☐ сахт сафед буд.
❂ Хушбӯтарини хушбӯӣ: ☐ Мушк. ☐ Арақи Паёмбар ﷺ.
❂ Паёмбар ﷺ марбӯъ буд, яъне: ☐ Миёнақад. ☐ Қадбаланд.
❂Муҳри паёмбарияш ﷺ: ☐ Дар байни шонаҳояш буд. ☐ Монанди ҷасадаш буд. ☐ Монанди тухми кабутар буд. ☐ Ҳамагӣ.

| Аллоҳ ихтиёр кард: | Кинона | Аз Бани Ҳошим | Исмоил | Аз Қурайш |
|---|---|---|---|---|
| Кинона аз насли | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |
| Қурайш аз | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |
| Бани Ҳошим | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |
| Паёмбараш ﷺ аз | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |

| **Насаби Ӯ ﷺ** | Номаш | Номи падараш | Номи бобояш | Падари бобояш | Пеш аз бобои болотар | Бобои олитар |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳошим | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |
| Абдулмутталиб | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |
| Абдуллоҳ | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |
| Муҳаммад | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |
| Исмоил | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |
| Иброҳим | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |

| Ҳар номро ба шарҳаш пайваст кун | Муҳаммад | Аҳмад | Оқиб | Сироҷ |
|---|---|---|---|---|
| Ҳамдгӯяндатарини мардум барои Парвардигораш | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |
| Чизе ки бесӯзондан рушноӣ медиҳад | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |
| Дорои хислатҳои зиёд, ки бар он таъриф мешавад | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |
| Пас аз Ӯ паёмбаре нест, пас Ӯ ба монанднди хотам аст | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |

| Паёмбар ﷺ буд: | Каф | Бӯй | Зиндагӣ | Халқ ва хулуқ | тарс |
|---|---|---|---|---|---|
| Беҳтарини мардум | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |
| Ва нармтарини онҳо | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |
| Ва хушбӯтарини онҳо | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |
| Ва нектарини онҳо | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |
| Ва сахттарини онҳо | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |

| Паёмбар ﷺ буд: | Барои Аллоҳ таъоло | таомро | Барои худаш | садақа | ҳадия |
|---|---|---|---|---|---|
| Интиқом намегирифт | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |
| Ва интиқом мегирифт | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |
| Ва айб намегирифт | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |
| Ва қабул мекард ва бар он подош медод | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |
| Ва қабул намекард | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |

# Роҳнамоии Ӯ ﷺ

## Роҳнамоии Ӯ ﷺ дар либос, таом ва шароб

| | |
|---|---|
| Маҳбуб-тарини рангҳо дар назди Паёмбар | Маҳбубтарини рангҳо дар назди Паёмбар ﷺ ранги сафед буд ва фармуд: "Ин беҳтарин либоси шумост, пас онро бипӯшед ва мурдагонатонро кафан кунед". |
| Либоси Ӯ | Либосе, ки муяссар мешуд, гоҳе аз пашм ва гоҳе аз пахта ва гоҳе аз катон. Вақте либосашро мепӯшид, ба тарафи рост мепӯшид. |
| Миёнаравии Ӯ ﷺ дар либос | Баъзе салаф гуфт: (Ду либоси шуҳратро, яъне либоси олӣ ва пастро макрӯҳ мешумориданд). Ва дар ҳадиси Ибни Умар разияллоҳу анҳумо: "**Касе либоси шуҳратро бипӯшад, Аллоҳ дар рӯзи қиёмат ӯро либоси зиллат мепӯшонад, сипас дар он оташ афтӯхта шавад**", зеро вай ба пӯшидани он қасди кибр ва фахрро дошт, пас Аллоҳ вайро иқоб кард. Аз Ибни Умар разияллоҳу анҳумо инчунин ривоят аст, ки Паёмбар ﷺ фармуд: "**Касе либоси худро аз рӯи кибр бикашад ва дароз кунад, Аллоҳ дар рӯзи қиёмат ба вай назар намекунад**". |
| Таоми Ӯ ﷺ | Таоми бударо рад намекард ва таоме, ки набуд, худро ба таклиф намеандохт. Ҳар чизи ҳалоле, ки ба Ӯ  пешниҳод мешуд, мехӯрд магар ки нафсаш онро намеписандид, пас онро беҳаром донистан тарк мекард. Оиша разияллоҳу анҳо гуфт: "**Ҳаргиз таомеро эрод намегирифт, агар онро мехост, мехӯрд, вагарна онро тарк мекард**". Ҳамонгуна ки хӯрдани сусморро тарк кард, вақте ки хӯрдани онро одат накарда буд. |
| Сифати хӯрдани Ӯ ﷺ | -Бештари таомаш дар замин дар дастурхон гузошта мешуд.<br>-Ба се ангушташ мехӯрд.<br>-Ба такия намехӯрд.<br>-Дар аввали таомаш номи Аллоҳ таъолоро мебурд ва дар охири таом Аллоҳро ҳамд мегуфт.<br>-Ва ҳаргоҳ аз хӯрдани таом фориғ мешуд, ангуштонашро мелесид. |
| Шароби Ӯ ﷺ | -Бисёр вақт нишаста мехӯрд, балки аз рост нӯшидан сарзаниш кард ва ҷоиз будани он ба хотири узре, аз нишастан манъ мекунад.<br>-Ҳаргоҳ менӯшид, бар касе ки дар тарафи росташ буд, медод ва агарчи дар тарафи чапаш аз он бузургтар мебуд. |

**Роҳнамоии Ӯ ﷺ дар никоҳ ва муошират**

-Паёмбар ﷺ фармуд: "Дар назди Ман аз дунёи шумо занон ва хушбӯӣ маҳбуб шудааст ва нури чашмони Ман дар намоз қарор дода шуда аст".
-Дар миёни занонаш дар шабгузаронӣ ва ҷо кардан ва нафақа додан тақсим мекард.
-Оиша разияллоҳу анҳо гуфт: "Ҳаргоҳ Паёмбар ﷺ қасди сафар мекард, дар байни занонаш қуръа меандохт, пас саҳме кадоме аз онҳо хориҷ мешуд, бо вай сафар мекард ва барои боқиҳо чизе намекард".
-Ва бо ҳамсаронаш муошират ва рафтори нек дошт.
-Духтарони Ансорро ба назди Оиша разияллоҳу анҳо равон мекард, бо вай бозӣ мекарданд ва ҳаргоҳ чизе ки мехост, ки дар он тарсе набуд, вайро бар он мутобаат мекард.
-Дар оғуши Оиша разияллоҳу анҳо такия мекард ва Қуръон мехонд ва гоҳо дар ҳайз буд.
-Вақте ки ӯ дар ҳоли ҳайз буд, ӯро амр мекард, ки изор пӯшад, сипас дар канори ӯ мехобид.
-Ӯро бӯса мекард, дар ҳоле ки рӯзадор буд.
-Аз лутфу рафтори некӣ Ӯ бо ҳамроҳи аҳлаш ин буд, ки ба вай имконияти бозӣ кардан медод ва дар сафар бо қадамҳо ду бор бо вай мусобиқа кард ва боре дар вақти аз хона баромаданашон якдигарро тела доданд.
-Ҳаргоҳ аз сафар бармегашт шабона ба назди аҳлаш дохил намешуд ва аз ин кор манъ мекард.

**Роҳнамоии Ӯ ﷺ дар хоб ва огоҳӣ**

-Паёмбар ﷺ ҳаргоҳ ба ҷогаҳи хобаш барои хоб кардан мерафт, мефармуд: "Ба номи Ту, эй Аллоҳ зинда мешавам ва мемирам". Ва "ҳар шаб вақте ба ҷогаҳи хобаш дохил мешуд, ду кафи дасташро ҷамъ мекард, сипас дар онҳо медамид, пас дар онҳо (Қул ҳуваллоҳу аҳад) ва (Қул аъузу бираббилфалақ) ва (Қул аъузу бираббиннос)-ро мехонд, сипас ба андозаи тавоноияш дастонашро дар ҷасадаш мемолид. Аз сар ва чеҳрааш ибтидо мекард ва оне ки аз ҷасадаш пеш меомад, масҳ мекашид, ин амалро се бор такрор мекард". Ва "ҳаргоҳ қасди хоб кардан мехост, дасти росташро дар зери рухсорааш мегузошт, сипас мегуфт: "Эй Аллоҳ маро аз азобат дар рӯзе ки бандагонатро бармеангезӣ, нигаҳ дор (Инро се бор такрор мекард)". Ва ҳаргоҳ аз хобаш мехест, мефармуд: "Ҳамд барои Аллоҳест, ки моро баъде ки миронид, зинда гардонид ва бозгашт ба сӯи Ӯст". Сипас даҳонашро мисвок мекард.
-Дар аввали шаб мехобид ва дар охири шаб мехест ва гоҳо ба хотири манфиати мусалмонон дар аввали шаб бедор меистод.
-Чашмони Паёмбар ﷺ хоб мекард ва қалбаш хоб намекард.
-Ҳаргоҳ Паёмбар ﷺ мехобид, Ӯро бедор намекарданд, то ки худаш бедор шавад.
-Хоби Паёмбар ﷺ адлтарини хоб буд ва он беҳтарин хоб аст.

| Роҳнамоии Ӯ ﷺ дар муомалаҳояш | -Паёмбар ﷺ шухӣ мекард ва дар шухияш ҳақ мегуфт.<br>-Паёмбар ﷺ хабарро пинҳон мекард ва дар пинҳон карданаш ҳақро мегуфт.<br>-Паёмбар ﷺ машварат медод ва талаби машварат мекард.<br>-Паёмбар ﷺ беморро айёдат мекард ва дар ҷаноза иштирок мекард ва даъватро иҷобат мекард ва ҳоҷати бевазан. Мискин ва заифро мебаровард.<br>-Паёмбар ﷺ санои шеърро шунид ва бар он подош дод ва дар он шеър ҷузъи андаке аз ситоишҳои Ӯ буд, аммо мадҳу ситоиши дигар мардум, пас бисёри он дурӯғ аст.<br>-Паёмбар ﷺ наълашро бо дасташ духт ва либосашро поргӣ кард ва сателашро часпонд ва гусфандашро ҷушид ва либосашро тоза кар ва аҳлу худашро хидмат кард ва ҳамроҳи онон дар бинои масҷид хиштро бардошт.<br>-Паёмбар ﷺ гоҳе аз гуруснагӣ дар шикамаш санг баст ва гоҳе сер буд.<br>-Паёмбар ﷺ меҳмондорӣ кард ва меҳмондорӣ карда шуд.<br>-Паёмбар ﷺ аз байни сараш ва пушти қадамаш ва аз ду шоҳраги гардан ва шона ҳиҷомат кард.<br>-Паёмбар ﷺ муолиҷа кар ва доғ монд ва худро доғ накард ва руқия хонд ва талаби руқия накард ва беморро аз чизе ки ӯро озор медод, ҳимоя кард.<br>-Паёмбар ﷺ дар муомала кардан беҳтарини мардум буд ва ҳаргоҳ қарз мегирифт, аз он хубтарро адо мекард. |
|---|---|
| Роҳнамоии Ӯ ﷺ дар роҳ рафтанаш | Дар роҳ рафтан тезтарини мардум ва нектарину оромтарини онон буд.<br>Дар роҳ рафтан аз ёронаш тезтар роҳ мерафт ва расидани онҳо ба Ӯ душвор буд.<br>Пои бараҳна ва пӯшида роҳ мерафт.<br>Ёронаш разияллоҳу анҳум пешопеши Ӯ ﷺ мерафтанд ва Ӯ ﷺ дар пушти онҳо буд.<br>Ӯ ﷺ бо ёронаш танҳо ва бо ҷамоат роҳ мерафт. |
| Роҳнамоии Ӯ ﷺ дар зикр кардан | Паёмбар ﷺ дар зикри Аллоҳ азза ва ҷалла комилтарини мардум буд, балки ҳамаи суханаш дар зикри Аллоҳ  ва он чизеро ки Аллоҳ дӯст медошт, буд. Ва Паёмбар ﷺ ҳаргоҳ аз хоб бедор мешуд, ва ҳаргоҳ шурӯъ ба намоз мекард ва ҳаргоҳ аз хонааш мебаромад ва ҳаргоҳ дохили масҷид мешуд ва дар вақти субҳу шом ва дар вақти либос пӯшидан ва ҳаргоҳ дохили манзил мешуд ё аз он хориҷ мешуд ва дар вақти хало дохил шудан ва пеш аз таҳорат кардан ва баъд аз он ва вақте азонро мешунид ва дар вақти дидани моҳ ва пеш аз хӯрдан ва баъд аз он ва дар вақти атса задан... Аллоҳро зикр мекард |

| | | |
|---|---|---|
| Суннатҳои фитрат ва масъалаҳои тобеъи он | **Шумоҳидани суннатҳо** | Паёмбар ﷺ фармуд: "Даҳ чиз аз фитрат аст, кӯтоҳ кардани мӯйлаб, гузоштани риш, об дар бини кардан, кӯтоҳ кардани нохунҳо, шустани бандҳои ангуштон, кандани мӯи зери бағал, тарошидани мӯи зери ноф, истинҷо бо об". Ва ровӣ даҳумро фаромуш карда аст. |
| | Бо тарафи рост сар кардан | Паёмбар ﷺ-ро дар пӯшидани пойафзолаш, шона карданаш, покияш, гирифтан ва ато каданаш бо дасти рост хушаш меомад. Дасти росташ барои таом, шароб ва покияш буд ва дасти чапаш барои хало ва монанди он аз дур кардани озору азият буд. |
| | Таро-шидан | Роҳнамоии Паёмбар ﷺ дар тарошидани мӯи сар ин буд, ки ҳамаашро тарк мекард, ё ҳамаашро метарошид. |
| | Сивок | Паёмбар ﷺ сивокро дӯст медошт ва дар ҳоли берӯзадорӣ ва рӯзадорӣ мисвок мекард ва дар вақти аз хоб бедор шудан ва дар вақти вузӯ, намоз, даромадани манзил мисвок мекард. Ба чуби арок мисвок мекард. |
| | **Хушбӯӣ** | Паёмбар ﷺ бисёр хушбӯӣ мекард ва хушбӯиро дӯст медошт. |
| | **Мӯйлаб ва риш** | Паёмбар ﷺ фармуд: "Бо мушрикон мухолифат кунед, ришҳоятонро гузоред ва мӯйлабҳоятонро кӯтоҳ кунед". |
| | **Таъйини вақт** | Анас разияллоҳу анҳу гуфт: "Паёмбар ﷺ барои мо дар кӯтоҳ кардани мӯйлаб ва нохунҳо вақт таъйин кард, ки онҳоро бештар аз чил шабонарӯз тарк накунем". |
| هديه □ في كلامه... | Сухани Ӯ ﷺ | -Оиша разияллоҳу анҳо гуфт: "Расулуллоҳ ﷺ монанди шумо пай дар пай сухан намегуфт, балки дар миёни суханони вай ҷудоӣ буд, касе ки бо Ӯ менишаст, суханонашро ёд мегирифт".<br>-Бисёр вақт суханро се бор такрор мекард, то суханаш фаҳмида шавад ва ҳаргоҳ салом медод, се бор салом медод.<br>-Беҳоҷат сухан намекард ва ба суханҳои пурмазмун сухан мекард.<br>-Дар коре, ки ба Ӯ даҳолат надошт, сухан намекард. Дар чизе ки умеди аҷру савоб дошт, сухан мекард.<br>-Паёмбар ﷺ бадгуфтор набуд ва на ба такаллуф фаҳш мегуфт ва на дар бозорҳо овоз баланд мекард. |

| Роҳнамоии Ӯ ﷺ дар суханаш, хандааш, гиряаш ва хутбааш | | |
|---|---|---|
| | Хандаи Ӯ | Ҳамаи хандаи Паёмбар ﷺ табассум буд, охири хандааш ин буд, ки дандонҳои курсияш намоён мешуд. |
| | Гиряи Ӯ ﷺ | -Паёмбар ﷺ бо бонг задан ва овози баланд гиря намекард ва локин чашмонаш пури ашк мешуд, то ки равон мешуд ва аз синааш овози ҷушидан шунида мешуд.<br>-Гиряи Паёмбар ﷺ гоҳо аз рӯи раҳмат барои майит ва гоҳо аз рӯи тарсу шафқати умматаш буд ва гоҳо аз тарси Аллоҳ ва гоҳо дар вақти шунидани Қуръон буд. |
| | **Хутбаи Ӯ ﷺ** | -Паёмбар ﷺ бар замин ва бар болои минбар ва бар болои шутур хутба мекард.<br>-Ҷобир разияллоҳу анҳу гуфт: "Паёмбар ﷺ ҳаргоҳ хутба мекард, чашмонаш сурх мешуд ва овозаш баланд мешуд ва сахт ғазаб мекард, гӯё ки Ӯ бимдиҳандаи лашкар бошад".<br>-Паёмбар ﷺ хутбае намекард, магар ки онро ба ҳамди Аллоҳ шурӯъ мекард.<br>-Паёмбар ﷺ мувофиқи ҳоҷати мухотабҳо ва манфиатҳои онҳо, хутба мекард. |

# Имтиҳони дуюм

| савол | дуруст | хато |
|---|---|---|
| Ҳаргоҳ либосашро мепӯшид ба росташ сар мекард. | ☐ | ☐ |
| Бештари таомаш дар замин дар дастурхон гузошта мешуд ва он хони Ӯ буд. | ☐ | ☐ |
| Ҳаргоҳ аз сафар бармегашт, шабона ба назди аҳлаш дохил намешуд ва аз ин амал манъ мекард. | ☐ | ☐ |
| Паёмбар ﷺ гоҳо аз гуруснагӣ дар шикамаш санг мебаст ва гоҳо сер буд. | ☐ | ☐ |
| Паёмбар ﷺ муоличҷа кар ва доғ монд ва худро доғ накард ва руқия хонд ва талаби руқия накард. | ☐ | ☐ |
| Паёмбар ﷺ чизе аз амалҳое, ки ба васваса гирифтор шудагон мекунанд, намекард, яъне кашидани олати мардӣ, сина соф кардан, часту хез кардан, доштани ресмон, помонак (зина) баромадан, дар маҷрои пешоб пахта мондан, дар он об рехтан, пай дар пай онро хабар гирифтан ва монанди ин аз бидъати аҳли васвасаҳо. | ☐ | ☐ |
| Ба шариати ҳанифияи меҳрубон фиристода шуд ва хилофи ин ду: Ширк ва ҳаромгардондани ҳалол аст. | ☐ | ☐ |
| Авлоди Ӯ ﷺ ҳафто буд: Чаҳор писар ва се духтар. | ☐ | ☐ |
| Ҳамаи фарзандонаш аз Хадиҷа разияллоҳу анҳо буд, аз дигар занонаш фарзанд надошт. | ☐ | ☐ |
| Ҳамаи фарзандонаш пеш аз Ӯ фавтиданд. | ☐ | ☐ |
| Хилоф нест, ки Паёмбар ﷺ вафот кард ва нуҳ зан боқӣ гузошт: Оиша, Ҳафса, Зайнаб бинти Ҷаҳш, Умми Салама, Сафия, Умми Ҳабиба, Маймуна, Савда ва Ҷувайрия. | ☐ | ☐ |
| Аллоҳ ба воситаи Ҷибраил ба Хадиҷа салом фиристод ва ин хусусият барои зане ҷуз ӯ дониста нашудааст. | ☐ | ☐ |

❁Маҳбубтарини рангҳо дар назди Паёмбар ﷺ: ☐ Сафед. ☐ Сиёҳ. ☐ Рангҳое, ки муяссар шавад.
❁ Либоси Ӯ ﷺ: ☐ Пашмӣ намепӯшид. ☐ Пахта ва катон мепӯшид. ☐ Либосе, ки муяссар мешуд. ☐ Танҳо якум ва дуюм.
❁ Либоси Ӯ ﷺ: ☐ Либоси қимат. ☐ Либоси пастарзиш барои зуҳдаш. ☐ Миёна.

❁Паёмбар ﷺ Аллоҳро ёд мекард ва ҳамд мегуфт: ☐ Дар аввали таомаш. ☐ Дар охираш. ☐ Дар аввалу охираш.
❁Бисёр вақт Паёмбар ﷺ менӯшид: ☐ Дар ҳоли нишаста. ☐ Дар ҳоли ростӣ. ☐ Ҳамагӣ.
❁Паёмбар ﷺ фармуд: "Дар назди Ман аз дунёи шумо маҳбуб гардонда шуд": ☐ Занон. ☐ Хушбӯӣ. ☐ Ҳамагӣ.
❁Паёмбар ﷺ фармуд: "Нури чашмони Ман гардонида шуд дар": ☐ Ҷаннат. ☐ Намоз. ☐ Ҳамагӣ.
❁ Ҳоли Паёмбар ﷺ бо занонаш: ☐ Муоширати нек. ☐ Рафтори нек. ☐Ҳамагӣ.
❁Анас разияллоҳу анҳу гуфт: "Паёмбар ﷺ барои мо дар кӯтоҳ кардани мӯйлаб ва нохунҳо вақт таъйин кард, ки онҳоро бештар (....) як шабонарӯз: ☐ Си рӯз. ☐ Чил рӯз. ☐ Панҷоҳ рӯз.
❁ Роҳнамоии Паёмбар ﷺ дар тарошидани мӯи сар: ☐Баъзеашро метарошид ва баъзеашро мегузошт. ☐Ҳамаашро тарк мекард ё ҳамаашро метарошид.
❁Паёмбар ﷺ мисвокро дӯст медошт ва мисвок мекард: ☐ Дар вақти ғайри рӯзадорӣ. ☐ Дар вақти рӯзадорӣ. ☐ Ҳамавақт.

❁Хандаи Ӯ ﷺ: ☐ Ҳамааш табассум буд. ☐ Бештараш табассум буд.

❁ Паёмбар ﷺ фиристода шуд: ☐ Ба сӯи ҳамаи мардум. ☐ Ба сӯи ҷинну инсон.

❁Беҳтарини духтарони Ӯ ﷺ ба таври мутлақ: ☐Ҳамааш ☐Фотима ☐Зайнаб аст.

❁Бар Паёмбар ﷺ бар либоси болопӯши зане ҷуз вай ваҳӣ нозил нашуд: ☐ Ҳафса ☐ Умми Салама ☐ Оиша.

| Паёмбар ﷺ | ҷаноза | даъват | дар баровардани ҳоҷати бевазан, мискин ва заиф | бемор |
|---|---|---|---|---|
| Аёдат мекард | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |
| Ҳозир мешуд | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |
| Иҷобат мекард | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |
| Мерафт | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |

| Амалҳои Ӯ ﷺ: | гусфан-дашро | хиштро дар бинои масҷид | либосашро бо дасташ | наълашро бо дасташ | худ ва аҳалашро |
|---|---|---|---|---|---|
| Медӯхт | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |
| Порғӣ мекард | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |
| Меҷушид | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |
| Хидмат мекард | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |
| Мебардошт | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |

| Суннатҳои фитрат: | нохун | бағал | Мӯи зери ноф | риш | мӯйлаб |
|---|---|---|---|---|---|
| Кӯтоҳ кардан | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |
| Гузоштан | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |
| Кӯтоҳ кардан | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |
| Кандан | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |
| Тарошидан | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |

| Ҳидояти Ӯ ﷺ дар таом хӯрдан | набуд | ҷуз ин ки онро мехӯрд | Онро беҳаром гуфтан тарк мекард | мавҷуд |
|---|---|---|---|---|
| Рад намекард | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |
| Худро ба таклиф намеандохт | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |
| Чизе аз ҳалол ба ӯ дода мешуд | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |
| Магар ки онро намеписандид | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |

| Паёмбар ﷺ буд: | тамом мекард | хӯрдан буд | ба як ангушт | ба панҷ ангушт ва ба роҳат мехӯрад | се |
|---|---|---|---|---|---|
| Ба ангуштонаш мехӯрд | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |
| Онҳоро мелесид | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |
| Он беҳтарин | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |
| Мутакаббир мехӯрад | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |
| Ва ҳарису тамаъкор мехӯрад | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |

# ХУСУСИЯТҲОИ Ӯ ﷺ

| АЗ ХУСУСИЯТҲОИ Ӯ ﷺ | | |
|---|---|---|
| | Ба дини Ислоҳи осон фиристода шуд | Ибни Қайим раҳимаҳуллоҳ гуфт: (Миёни ҳанифия ва осону бахшанда будани он ҷамъовард, пас он дар Тавҳид ҳанифӣ аст, дар ахлоқ осону бахшанда ва зидди ин ду ширк ва ҳаром гардондани ҳалол аст). |
| | Ба сӯи инсону чин фиристода шуд | Паёмбар ﷺ фармуд: "Паёмбар хос дар қавмаш фиристода мешуд ва Ман ба сӯи ҳамаи мардум фиристода шудам". |
| | Китоб ва даъвати ӯ | Аллоҳу субҳонаҳу ва таъоло фармуд: "Алиф, лом, ро ин (Қуръон) китобест, ки бар Ту нозил кардем, то мардумро ба фармони Парвардигорашон аз торикиҳо ба сӯи рушноӣ барорӣ, ба сӯи роҳи (Аллоҳи) пирӯзманди ситуда". (Иброҳим: 1) |
| | Мӯъҷизаҳои ӯ | Бузургтарин мӯъҷизаҳои Ӯ ﷺ Қуръон аст. Мӯъҷизае барои расулон ва паёмбарони пеш аз Ӯ дода нашуда буд, магар ки барои Паёмбар ﷺ аз он насибе буд. |
| | Дӯст доштани Ӯ ﷺ дин аст | Паёмбар ﷺ фармуд: "Яке аз шумо имон намеорад, то ки Ман дар наздаш аз фарзандаш ва падараш ва ҳамаи мардум маҳбубтар бошам". |
| | Ҳукми бадбинандаи Ӯ | Кофири куфри акбар аст. Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло фармуд: "Албатта душмани Ту бенасл ва беақиб аст". (Сураи Кавсар, ояти: 3) |
| | Халил | Паёмбар ﷺ фармуд: "Аллоҳ Маро халил гирифт, ҳамонгуна ки Иброҳимро халил гирифта буд". |
| | Яке аз увлулазм аст | Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло фармуд: "Чун аз паёмбарон аҳди эшонро гирифтем ва аз Ту ва аз Нуҳ ва Иброҳим ва Мусо ва Исо писари Марям гирифтем". (Аҳзоб: 7) |
| | Илми Ӯ | Паёмбар ﷺ фармуд: "Ман донотарини шумо ба Аллоҳ ҳастам". Аллоҳ азза ва ҷалла фармуд: "Бигӯ: Ман намегӯям, ки хазинаҳои Аллоҳ назди Ман аст ва ғайб намедонам ва ба шумо намегӯям, ки Ман фариштаам". |

## АЗ ХУСУСИЯТҲОИ Ӯ ﷺ

| | |
|---|---|
| Ҳукми итоаткунанда ва хилофкунандаи Ӯ | Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло фармуд: "Бигӯ: Агар Аллоҳро дӯст медоред, пас аз Ман пайравӣ кунед, то Аллоҳ шуморо дӯс бидорад ва гуноҳонатонро бароятон биомурзад". (Сураи Оли Имрон, ояти: 31) Ва фармуд: "Ва суст нашавед ва андӯҳгин нашавед ва шумо бартар ҳастаед, агар мӯъмин бошед". (Сураи Оли Имрон, ояти: 139) Ва Паёмбар ﷺ фармуд: "Ҳамаатон дохили Ҷаннат мешавед, магар касе ки нахоҳад", гуфтанд: Эй Расулуллоҳ, кӣ намехоҳад? Фармуд: "Касе Маро итоат кард, дохили Ҷаннат шавад ва касе ки Маро бефармонӣ кард, пас дохил шудани Ҷаннатро нахостааст". Ва Паёмбар ﷺ фармуд: "Хорию зиллат бар касе ки амри Маро мухолифат мекунад, гардонда шудааст". |
| **Уммати Ӯ ﷺ** | Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло фармуд: "Шумо беҳтарин уммате ҳастед, ки барои мардум падидор шудаед, амри ба маъруф мекунед ва наҳй аз мункар менамоед ва ба Аллоҳ имон доред". (сураи Оли Имрон, ояти: 110) Паёмбар ﷺ фармуд: "Савганд ба Зоте ки ҷони Ман дар дасти Ӯст, ҳароина Ман тамаъ дорам, ки нисфи аҳли Ҷаннат бошед". |
| **Шаҳри Ӯ ﷺ** | Шаҳри Ӯ ﷺ Макка аст, Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло фармуд: "Ба рости нахустин Хонае, ки барои (ибодати) мардум қарор дода шуда ҳамон аст, ки дар Макка аст, ки пурбаракат (ва сабаби) ҳидояти ҷаҳониён аст. Дар он нишонаҳои равшан (аз ҷумла) Мақоми Иброҳим аст ва ҳар кас дохили он (Ҳарам) шуд дар амон хоҳад буд. Ва барои Аллоҳ ҳаҷҷи (Хонаи Каъба) бар мардум воҷиб аст, (албатта) касоне ки тавонои рафтан ба сӯи он доранд, ва ҳар кас куфр варзад бешак Аллоҳ аз ҷаҳониён бениёз аст". (Сураи Оли Имрон, ояти: 96-97) Ва Макка шаҳри Ҳаром аст, Паёмбар ﷺ фармуд: "Аллоҳ ин шаҳрро аз рӯзе ки осмонҳо ва заминро офарид, ҳаром гардонид, пас он ба ҳаром гардондани Аллоҳ ҳаром аст". Ва он то рӯзи қиёмат шаҳри мусалмонон аст, Паёмбар ﷺ фармуд: "Баъди кушодани Макка ҳиҷрат нест". |
| **Қиблаи Ӯ ﷺ** | Қиблаи Ӯ ﷺ ба сӯи Каъба аст ва пеш аз ин ба сӯи Байтул-муқаддас буд, Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло фармуд: "Ба таҳқиқ Мо гардондани рӯи Туро ба (сӯи) осмон мебинем, акнун Туро (ба сӯи) қиблае, ки ба он хушнуд шавӣ, боз мегардонем, пас рӯи худро ба сӯи масҷиди Ҳаром кун ва ҳарҷо бошед рӯи худро ба сӯи он бигардонед". (Сураи Бақара, ояти: 144)<br>Ва масҷиди Ҳаром аввалин масҷидест, ки дар замин бино карда шудааст. Абӯзар разияллоҳу анҳу гуфт: "Ман Расулуллоҳ ﷺ аз аввалин масҷиде ки дар замин бино шуда буд, пурсидам. Пас фармуд: "Масҷиди Ҳаром аст".<br>Ва Паёмбар ﷺ фармуд: "Касе ба ин Хона ояд, пас бо ҳамсараш ҳамхобагӣ накунад ва гуноҳ накунад, монанди рӯзе ки модараш ӯро таваллуд кардааст, бозгардад". |

АЗ ХУСУСИЯТҲОИ Ӯ ﷺ

Қиблаи Ӯ ﷺ

Паёмбар ﷺ фармуд: "Намоз дар масҷиди Ҳаром аҷри сад ҳазор намоз дар дигар масҷидҳоро дорад ва намоз дар масҷиди Ман аҷри ҳазор намозро дорад ва дар Байтулмуқаддас аҷри пансад намозро дорад".
Паёмбар ﷺ фармуд: "Бори сафар баста намешавад, магар ба сӯи се масҷид: Масҷиди Ҳаром, масҷиди Ман ва масҷиди Ақсо".
Ва Паёмбар ﷺ фармуд: "Ҳаргоҳ барои қазои ҳоҷат омадед, пас рӯ ва пушт ба сӯи қибла накунед ва локин тарафи шарқ ё ғарб рӯ оред".

# ХЕШОВАНДОН ВА ҲАМСАРОНИ Ӯ ﷺ

## Ӯ ﷺ ҳафт фарзанд дошт: Се писар ва чаҳор духтар

| | |
|---|---|
| (1)Қосим, кунияти Паёмбар ﷺ ба ин писараш буд | (2)Зайнаб разияллоҳу анҳо. |
| (3) Руқайя разияллоҳу анҳо. | (4) Умми Кулсум разияллоҳу анҳо. |
| (5) Фотима разияллоҳу анҳо. | (6) Абдуллоҳ ва ба Тайиб ва Тоҳир лақаб гузошта шуда буд |

(7) Иброҳим ва ӯ фарзанди Морияи Қибтия, канизи Паёмбар ﷺ аст ва боқии фарзандони Ӯ ﷺ аз Хадиҷа разияллоҳу анҳо аст, аз дигар занонаш барои Ӯ ﷺ фарзанде ба дунё наомад.

Ҳамаи фарзандони Ӯ ﷺ пеш аз Ӯ вафот карданд ҷуз Фотима разияллоҳу анҳо. Пас Фотима баъд аз вафоти Ӯ шаш моҳ баъд вафот кард. Пас Аллоҳ дараҷаҳои ӯро барои сабр ва умеди аҷр карданаш бардошт, ки ба сабаби он бар занони ҷаҳониён бартарӣ ёфт ва мутлақо Фотима беҳтарини духтаронаш буд.

## Ӯ ﷺ ёздаҳ амак дошт

| | | | |
|---|---|---|---|
| (1)Сайиди шаҳидон Ҳамза ؓ. | (2)Аббос ؓ. | | |
| (3) Абӯтолиб, номаш Абдуманоф аст. | (4) Абӯлаҳаб, номаш Абдулуззо аст. | | |
| (5) Зубайр. | (6) Абдулкаъба. | (7) Муқаввим. | (8) Зирор |
| (9) Қусам. | (10) Муғира ва лақабаш Ҳаҷл аст. | (11) Ғайдоқ, номаш Мусъаб аст. | |

Амакиҳои Паёмбар ﷺ ҷуз Ҳамза ва Аббос разияллоҳу анҳумо Ислом наоварданд.

**Шаш амма дошт**

| | |
|---|---|
| (1)Сафия, модари Зубайр ибни Аввом ؓ аст. | (2) Умми Ҳаким ал-Байзо. |
| (3) Отика . | (4) Барра. |
| (5) Арво. | (6) Умайма. |

**Ҳамсарони Ӯ ﷺ: Ҳ. Ҷ. З. Сод. Х. Р. С. М. Айн. Ҳо.**

| | |
|---|---|
| حجز | (Ҳо)-Ҳафса бинти Умар ибни Хаттоб разияллоҳу анҳо.<br>(Ҷ)-Ҷувайрия бинти Ҳорис разияллоҳу анҳо.<br>(З)-Зайнаб бинти Ҷаҳш разияллоҳу анҳо + Зайнаб бинти Хузайма разияллоҳу анҳо. |
| صخرٌ | (Сод)-Сафия бинти Ҳуяй ибни Ахтаб разияллоҳу анҳо.<br>(Х)-Хадиҷа бинти Хувайлид разияллоҳу анҳо.<br>(Р)-Умм Ҳабиба Рамла бинти Абӯсуфён разияллоҳу анҳо. |
| سمعه | (Син)-Савда бинти Замъа разияллоҳу анҳо.<br>(М)-Маймуна бинти Ҳорис разияллоҳу анҳо.<br>(Айн)-Оиша бинти Абӯбакр разияллоҳу анҳо.<br>(Ҳо)-Умми Салама Ҳинд бинти Абӯумайя разияллоҳу анҳо. |

**Хадиҷа разияллоҳу анҳо**

Нахустин ҳамсарони Ӯ ﷺ Хадиҷа бинти Хувайлиди Қурашии Асадӣ разияллоҳу анҳост. Паёмбар ﷺ бо вай пеш аз нубувват издивоҷ кард, дар ҳоле ки вай чил сола буд. Бар болои вай зан нагирифт, то ки вафот кард. Ҳамаи фарзандонаш ба ҷуз Иброҳим аз вай аст. Вай Паёмбар ﷺ-ро дар нубувват кумак кард ва бо Ӯ ҷиҳод кард ва ба нафсу молаш Ӯро ёрӣ дод ва Аллоҳ ба воситаи Ҷибраил алайҳис салом ба вай салом фиристод ва ин махсуси вай аст, ки барои зане ҷуз вай нест. Се сол пеш аз ҳиҷрат вафот кард.

**Савда разияллоҳу анҳо.**

Паёмбар ﷺ чанд рӯз баъди вафоти Хадиҷа разияллоҳу анҳо бо Савда бинти Замъаи Қурашӣ разияллоҳу анҳо издивоҷ кард. Ва Савда ҳамон занест, ки рӯзи навбаташро ба Оиша разияллоҳу анҳо бахшида буд.

**ОИША разияллоҳу анҳо**

Паёмбар ﷺ баъди Савда бо Умми Абдуллоҳ Оишаи Сиддиқа бинти Сиддиқ, покгардондашуда аз болои ҳафт осмон, маҳбубаи Расулуллоҳ ﷺ, ӯро фаришта бар Паёмбар ﷺ пеш аз издивоҷаш дар порчаи абрешимӣ пешниҳод карда гуфт: "Ин ҳамсари Ту аст". Паёмбар ﷺ бо ӯ дар моҳи шаввол издивоҷ кард ва умраш шашсола буд ва дар моҳи шавволи соли якуми ҳиҷрӣ бо ӯ хонадорӣ кард ва умраш дар он вақт нуҳсола буд. Ҷуз ӯ бо духтаре издивоҷ накарда аст. Ва ваҳй бар Паёмбар ﷺ дар чодари зане ҷуз ӯ нозил нашуда аст. Оиша разияллоҳу анҳо маҳбубтарини халқ дар назди Ӯ ﷺ буд ва узри ӯ аз осмон нозил шуд. Уммат бар куфри туҳматкунандаи ӯ иттифоқ кардаанд. Ӯ хирадмандтарину донотарини занонаш буд, балки мутлақо хирадмандтарину донотарини занони уммат буд. Саҳобагони бузурги Паёмбар ﷺ ба қавли ӯ бозмегаштанд ва аз ӯ фатво мепурсиданд.

**Ҳафса** разияллоҳу анҳо

Сипас Паёмбар ﷺ бо Ҳафса бинти Умар ибни Хаттоб разияллоҳу анҳумо издивоҷ кард. Бо ҳамсари аввалааш Хунайс ибни Ҳузофаи Саҳмӣ разияллоҳу анҳу Ислом оварда буд ва ҳамроҳи ӯ ба Мадина ҳиҷрат карда буд, сипас ӯ баъди ғазваи Уҳуд фавтид, пас Расулуллоҳ ﷺ бо ӯ издивоҷ кард.

Зайнаб бинти Хузайма разияллоҳу анҳо

Сипас бо Зайнаб бинти Хузайма ибни Ҳориси ал-Қайсия разияллоҳу анҳо аз Бани Ҳилол ибни Омир издивоҷ кард ва ду моҳ пас аз издивоҷ дар назди Ӯ ﷺ вафот кард. Ӯ зане буд, ки Уммулмасокин гуфта мешуд.

**Умми Салама** разияллоҳу анҳо

Сипас бо Умми Салама Ҳинд бинти Абӯумайяи Қурашии Махзумӣ разияллоҳу анҳо ва номи Абӯумайя Ҳузайфа ибни Муғира аст. Ӯ аз ҳамсаронаш охирон вафот кард, соли шасту дуюми ҳиҷрӣ вафот кард.

**Ҷувайрия** разияллоҳу анҳо

Ва бо Ҷувайрия бинти Ҳорис ибни Абӯзирори Мусталиқийя разияллоҳу анҳо издивоҷ кард. Аз асирони Бани Мусталиқ буд, назди Паёмбар ﷺ омад, аз Ӯ бар адои қарордодаш барои озодияш кумак намояд, пас маблағи қарордодаи ӯро пардохт кард ва бо ӯ издивоҷ кард.

**Зайнаб бинти Ҷаҳш разияллоҳу анҳо**

Сипас бо Зайнаб бинти Ҷаҳш аз Бани Асад ибни Хузаймия разияллоҳу анҳо издивоҷ кард ва вай духтари аммааш Умайма буд. Ва дар шаъни ӯ фармудаи Ӯ таъоло нозил шуд: "Пас чун Зайд аз ӯ ҳоҷати худ бигузорад (ва талоқаш дод) ӯро ба издивоҷи Ту даровардем". (сураи Аҳзоб, ояти: 37) Бар ин бар соири ҳамсарони Паёмбар ﷺ фахр мекард ва мегуфт: "Шуморо хонагиҳоятон ба шавҳар доданд ва маро Аллоҳ аз болои ҳафт осмон издивоҷ кунонд". Аз хусусиятҳои ӯ ин аст, ки Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло валии ӯ буд, ки ӯро бо Расулаш ﷺ аз болои ҳафт осмонаш издивоҷ кунонд ва дар аввали хилофати Умар ибни Хаттоб разияллоҳу анҳо вафот кард. Аввал ҳамсари Зайд ибни Ҳориса разияллоҳу анҳу буд. Ва Расулуллоҳ ﷺ ӯро писархон гирифта буд, пас вақте Зайд ӯро талоқ дод, Аллоҳ таъоло ӯро ба издивоҷи Паёмбар ﷺ даровард, то умматаш дар никоҳи ҳамсарони касоне ки онҳоро писархон гирифтаанд, иқтидо кунанд.

**Умми Ҳабиба** разияллоҳу анҳо

Сипас бо Умми Ҳабиба разияллоҳу анҳо издивоҷ кард ва номи ӯ Рамла бинти Абӯсуфён Сахр ибни Ҳарби Қурашии Умавӣ аст. Бо ӯ издивоҷ кард дар ҳоле ки ӯ дар шаҳри Ҳабаша муҳоҷир буд ва аз тарафи Ӯ Наҷошӣ чорсад динор маҳр пардохт ва аз онҷо ба назди Паёмбар ﷺ оварда шуд ва дар рӯзҳои хилофати бародараш Муовия разияллоҳу анҳу вафот кард.

**Сафия** разияллоҳу анҳо

Ва бо Сафия бинти Ҳуяй ибни Ахтаб сайиди Бани Назир аз фарзанди Ҳорун ибни Имрон бародари Мусо издивоҷ кард, пас ӯ разияллоҳу анҳо духтари паёмбар ва ҳамсари Паёмбар ва аз зеботарини занони олам буд. Аз асирон барои Ӯ каниз гашта буд, пас ӯро озод кард ва маҳри ӯро озодияш қарор дод, пас ин суннат гашт.

**Маймуна** разияллоҳу анҳо

Сипас бо Маймуна бинти Ҳориси Ҳилолӣ разияллоҳу анҳо издивоҷ кард ва ӯ охирон занест, ки бо вай издивоҷ кард. Бо ӯ дар Макка дар қазои умра, баъд аз ҳалол шудан аз эҳроми умра издивоҷ кард.

Хилофе нест, ки Паёмбар ﷺ пас аз худ нуҳ зан гузошт ва баъд аз вафоташ аввалин ҳамсараш Зайнаб бинти Ҷаҳш разияллоҳу анҳо соли бистум ба Ӯ ﷺ пайваст ва охирон ҳамсараш аз рӯи вафот Умми Салама разияллоҳу анҳо буд, ӯ соли шасту дуюм дар вақти хилофати Язид ибни Муовия вафот кард.

# ТАРҶУМАИ ҲОЛИ Ӯ ﷺ

# БОБИ ЯКУМ: ПЕШ АЗ НУБУВВАТ

| | | |
|---|---|---|
| Таваллуди Ӯ ﷺ | | Паёмбар ﷺ соли Фил рӯзи душанбе, дар моҳи рабиъулаввал 53 сол пеш аз ҳиҷрат мувофиқ ба 571 мелодӣ ба дунё омад, амри Фил ва ҳабс кардани Аллоҳ азза ва ҷалла онро ҳадияе буд, ки Аллоҳ аза ва ҷалла ба Паёмбараш ﷺ ва Хонааш пешниҳод намуд. |
| Пада-раш | | Абдуллоҳ ибни Абдулмутталиб, Расулуллоҳ ﷺ дар батни модараш буд, ки падараш вафот кард, пас Ӯ ﷺ ятим ба дунё омад. |
| Мода-раш | | Омина бинти Ваҳб аз Бани Зуҳра бад. Паёмбар ﷺ ҳафтсолагиро пура накарда буд, ки модараш вафот кард. |
| Кафолати Ӯ | | Баъди вафоти модараш Ӯро бобояш Абдулмутталиб ба кафолат гирифт, сипас вафот кард ва Расулуллоҳ ﷺ қариб ҳашт сол дошт. Сипас Ӯро амаки ҳамхунаш Абӯтолиб ба кафолат гирифт ва номи ӯ Абдуманоф буд. |
| ШИРДИҲАНДАГОНИ Ӯ ﷺ | Сувайба | Канизи озодкардаи Абӯлаҳаб ва ҳамроҳи Ӯ Абӯсалама Абдуллоҳ ибни Абдуласади Махзумӣ разияллоҳу анҳуро ба шири писараш Масрӯҳ шир дод. Ва ҳамроҳи онон амакаш Ҳамза ибни Абдулмутталиб разияллоҳу анҳуро шир дода буд. |
| | Ҳалимаи Саъдия | Паёмбар ﷺ-ро ба шири писараш Абдуллоҳ бародари Унайса ва Ҷузома ( вай Шайма аст) фарзандони Ҳорис ибни Абдулуззо ибни Рифоъаи Саъдӣ шир дод. Ва ҳамроҳи Ӯ писари амакаш Абӯсуфён ибни Ҳорис ибни Абдулмутталиб разияллоҳу анҳуро шир дода буд. |
| ДОЯҲОИ Ӯ ﷺ | Модараш Омина | Сувайба канизи озодкардаи Абӯлаҳаб; Ҳалима бинти Абӯзуайби Саъдия |
| | Шайма | Духтари Ҳалимаи Саъдия ва хоҳари разоъии Паёмбар ﷺ . Ӯ дар гурӯҳи Ҳавозин назди Паёмбар ﷺ омад, пас аз рӯи риоя кардани ҳаққи вай, барои вай чодарашро паҳн кард ва бар болои он вайро шинонд. |

**ДОЯҲОИ Ӯ ﷺ**

Умму Айман

Баракаи Ҳабашӣ разияллоҳу анҳо, Паёмбар ﷺ ӯро аз падараш мерос бурда буд ва дояаш буд. Ӯро Паёмбар ﷺ ба дӯстдоштааш Зайд ибни Ҳориса ؓ ба зани дод. Барои ӯ Усома ибни Зайд ؓ-ро ба дунё овард.
Абӯбакр ва Умар разияллоҳу анҳумо баъди вафоти Паёмбар ﷺ ба назди вай даромаданд, дар ҳоле ки вай гиря мекард, пас барояш гуфтанд: Чаро гиря мекунӣ? Он чи дар назди Аллоҳ аст, барои Расулаш ﷺ беҳтар аст? Пас гуфт: Ман медонам, ки он чи дар назди Аллоҳ аст барои Расулаш ﷺ беҳтар аст ва Расулуллоҳ ﷺ ба сӯи чизе ки барои Ӯ беҳтар аст рафта аст ва локин ман гиря мекунам, зеро ки омадани ваҳй аз осмон қатъ шуд!! Онопро бар гиря кардан барангехт, пас онон ؓ ҳамроҳи вай гиря карданд.

Амали Ӯ ﷺ

Паёмбар ﷺ чупони кард ва ин сабаб дар сабр ва раҳмати Ӯ ﷺ бар заифон ва риояи онон гашт. Паёмбар ﷺ фармуд: "**Аллоҳ ҳеҷ паёмбареро нафиристод, магар ки чупонӣ кард**". Пас ёронаш гуфтанд: Ту низ чаронидай? Фармуд: "**Оре, дар муқобили чанд қирот гусфандони аҳли Маккаро мечаронидам**".

Тиҷорат ва издивоҷи Ӯ

Ҳангоме ки Паёмбар ﷺ биступанҷсола шуд барои тиҷорат ба сӯи Шом рафт, пас дар Бусро расид, сипас баргашт. Баъди баргаштанаш бо Хадиҷа бинти Хувайлид разияллоҳу анҳо издивоҷ кард ва Ӯ якумин ҳамсараш буд.

Сохтани Каъба

Вақте Паёмбар ﷺ 35 сола шуд, хонаи Каъба вайрон шуд, пас Қурайш барои аз нав бино кардани он қоим шуданд, хонадони Қурайш Каъбаро дар миёни худ тақсим карданд ва ҳар кадоми онҳо гушае аз онро гирифт, пас вақте сохтумони бино дар тарафи Ҳаҷаруласвад расид ихтилоф карданд, ки онро дар ҷояшро мегузорад. Чор панҷ рӯз дар ин ихтилоф истоданд, сипас иттифоқ карданд, ки аввалин касе ки аз дари масҷид дарояд, дар байнашон қазоват мекунад, пас Паёмбар ﷺ аввалин шуда аз дари масҷид даромад, пас Ӯро дар байни худ довар гирифтанд. Амр кард, ки чодаре оранд ва сангро дар он гузошт, сипас ҳар қабилае аз гушае аз он чодар бардоштанд, то ки дар ҷои он расиданд, пас Паёмбар ﷺ онро ба дасташ дар ҷояш гузошт.

Гӯшанишинии Ӯ ﷺ

Оиша разияллоҳу анҳо гуфт: "Барояш гӯшанишинӣ маҳбуб гардонида шуд ва дар ғори Ҳиро хилват мекард ва дар онҷо ибодат мекард ва чанд шабро дар онҷо сипари мекард". Ва бутҳову дини қавмаш бар Ӯ бад гардонида шуд, пас ягон чиз дар наздаш аз он баддидатар набуд.

# БОБИ ДУЮМ: ИБТИДОИ ВАҲЙ

Ҳангоме ки Паёмбар ﷺ чилсолагиро пура кард, бар Ӯ нури нубувват дурахшид ва Аллоҳ таъоло Ӯро дар рӯзи душанбе ба рисолаташ икром кард.

ПАЁМБАРИИ Ӯ ﷺ

Оиша разияллоҳу анҳо гуфт: "Аввалин чизе аз ваҳй, ки ба Расулуллоҳ ﷺ оғоз шуд, дидани хобҳои рост буд. Ҳеҷ хоберо намедид, магар ин ки монанди дамидани субҳ меомад. Пастар барояш гӯшанишинӣ маҳбуб гардонда шуд ва дар ғори Ҳиро хилват мекард ва дар онҷо ибодат мекард ва чанд шабро дар онҷо сипари мекард. Пеш аз он ки ба пеши аҳли хонаи худ биёяд, барои он туша мегирифт, сипас ба сӯи Хадиҷа бармегашт ва барои ҳамонқадар шабурӯзҳо туша мегирифт, то ки барояш ҳақ омад, дар ҳоле ки Ӯ дар ғори Ҳиро буд. Пас малоика ба наздаш омад ва гуфт: Бихон. Ӯ гуфт: Ман хонанда нестам. Фармуд: Пас Маро гирифт ва фишор дод, то он ки тоқати бардошти Ман ба охир расид. Сипас Маро раҳо кард ва гуфт: Бихон! Гуфтам: Ман хонанда нестам. Пас Маро гирифт ва бори дуввум фишор дод, то он ки тоқати бардошти Ман ба охир расид. Пас Маро раҳо кард ва гуфт: Бихон! Ман гуфтам, ки хонанда нестам. Пас Маро гирифт ва бори сеюм фишор дод, то ки тоқати бардошти Ман ба охир расид. Пас Маро раҳо кард ва гуфт: (Бихон ба номи Парвардигорат он ки пайдо карда аст, инсонро аз хуни баста пайдо кард. Бихон ва Парвардигори Ту Карим ва бузургтар аст, он ки инсонро ба қалам таълим дод ва инсонро таълим дод он чиро ки намедонист). Расулуллоҳ ﷺ ба ин калимаҳо баргашт, дар ҳоле ки дили Ӯ меларзид ва ба назди Хадиҷа даромад ва гуфт: Маро бипечед-Маро бипечед. Пас Ӯро печониданд, то он ки тарси Ӯ рафт ва ба Хадиҷа гуфт ва ӯро аз он чи гузашта буд, хабар дод (ва фармуд) ҳароина бар нафси худ тарсидам. Хадиҷа ба вай гуфт: Не, ҳаргиз инчунин нахоҳад буд, савганд ба Аллоҳ ҳаргиз Туро Аллоҳ расво нахоҳад кард, зеро Ту бо хешовандон рафтуомад мекунӣ, амонатро адо ме-кунӣ ва мушкилоти бенавоёнро баратарф мекунӣ ва касбу тиҷорат мекунӣ (ё фақиронро нафъ мерасонӣ) ва меҳмонро меҳмоннавозӣ мекунӣ ва мардумро дар ҳодисаҳои табиъӣ ҳамкорӣ мекунӣ. Пас Хадиҷа Паёмбар ﷺ-ро ба назди Варақа ибни Навфал ибни Асад ибни Абдулуззо писари амаки Хадиҷа бурд. Ӯ дар замони ҷоҳилият насронӣ шуда буд ва ба ибронӣ менавист, пас Инҷилро ба ибронӣ он қадаре ки Аллоҳ хост менавишт ва пиронсол буду кур шуда буд. Хадиҷа гуфт: Эй писари амак аз бародарзодаат бишнав. Варақа гуфт: Эй бародарзодаи ман чӣ чиз рух додааст? Расулуллоҳ ﷺ ӯро аз тамоми воқеа хабар дод. Варақа гуфт: Ин фариштаест, ки Аллоҳ бар Мусо фиристода буд, эй кош ман дар он вақт ҷавон будам, эй кош ман дар он вақт зинда бошам, ҳангоме ки Туро қавмат аз Макка берун мекунанд. Расулуллоҳ ﷺ гуфт: Оё Маро аз Макка берун мекунанд? Гуфт: Оре, ҳаргиз ҳеҷ кас наовардааст он чиро ки Ту овардай, магар ин ки бо ӯ душманӣ карда шудааст. Агар дар он рӯз зинда будам, ҳатман Туро ба тамоми нерӯям ёрӣ медиҳам. Сипас Варақа вафот кард ва ваҳй бозистод". Паёмбар ﷺ фармуд: "Вақте ки Ман роҳ мерафтам аз сӯи осмон садоеро шунидам, чашмонамро ба сӯи осмон бардоштам, ногоҳ фариштаеро, ки дар Ҳиро ба наздам омада буд, дидам, ки дар миёни осмон ва замин дар курсие нишаста аст, аз ӯ тарсидам, пас ба

| | |
|---|---|
| **ПАЁМБАРИИ Ӯ ﷺ** | назди аҳли худ омадам ва гуфтам: Маро бипечед, Маро бипечед. Пас Аллоҳ таъоло нозил кард: "**Эй марди ба ҷома печида бархез ва бим деҳ**" то фармудааш "**ва аз ширк худро пок дор**". (Сураи Муддассир) Баъд нузули ваҳй гарм шуду пай дар пай омадан гирифт. |

## МАРТАБАҲОИ ВАҲЙ

| | |
|---|---|
| **(1)Хоби рост.** | Ибтидои ваҳйи Ӯ ﷺ хоби рост буд. Оиша разияллоҳу анҳо гуфт: " Ҳеҷ хоберо намедид, магар ин ки монанди дамидани субҳ меомад". |
| **(2) Дар қалбаш андохтан** | Ва фаришта дар қалби Ӯ ﷺ илқо мекард ва фариштаро намедид. Паёмбар ﷺ фармуд: "Ҳароина Ҷибраил дар қалби Ман дамид ва Маро хабар дод, ки ...". |
| **(3) Монанд шудани малак** | Паёмбар ﷺ фармуд: "Гоҳо малоика ба сурати мард меояд, пас бо Ман сухан мекунад ва Ман ёд мегирам он чиро ки ба Ман мегӯяд". Дар ин мартаба гоҳо саҳобагон ﷺ малакро медиданд. |
| **(4) Овози зангула** | Паёмбар ﷺ фармуд: "Гоҳо монанди овози зангула меояд, ки ингуна ваҳй бар Ман сахттарин ваҳй аст, ки меояд ва аз Ман қатъ карда мешуд ва Ман аз он ёд мегирифтам он чиро, ки мегуфт". Ва Оиша разияллоҳу анҳо гуфт: "Ман Расулуллоҳ ﷺ-ро дидам, ки дар рӯзи сармои сахт бар Ӯ ваҳй меомад, пас ваҳй аз Ӯ қатъ мешуд, дар ҳоле ки аз пешонии Ӯ арақ мерехт", балки шутури Ӯ ба замин хоб мерафт, вақте бар он савор мебуд. |
| (5)Малоика ба сурати худаш меомад | Паёмбар ﷺ малоикаро дар сурате, ки офарида шуда буд медид, пас ба Ӯ ваҳй мекард он чиро, ки Аллоҳ ваҳй караданашро мехост. Ин барои Ӯ ﷺ ду бор рух дод, ҳамчуноне ки Аллоҳ дар сураи Наҷм зикр кард. |
| (6) Ваҳй аз ҷониби Аллоҳ | Аллоҳ бар Ӯ бевосита ваҳй кард аз фарз шудани намоз ва ғайра, дар ҳоле ки шаби Меъроҷ Ӯ дар болои ҳафт осмон дар буд. |
| (7) Сухан кардани Аллоҳ бо Ӯ | Вақте ки Аллоҳ азза ва ҷалла бо Ӯ бевоситаи малоика сухан гуфт, ҳамонгуна ки Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло бо Мусо алайҳис салом сухан гуфт. |

| Аввалин чизе ки бар Ӯ ﷺ нозил шуд | Панҷ ояти аввали сураи Алақ нозил шуд: "(Эй Паёмбар) бихон ба номи Парвардигорат ки (ҳастиро) офарид. (Ҳамон Худое ки) инсонро аз хуни баста офарид. Бихон, ва Парвардигорат (аз ҳама) бузургвортар аст. (Ҳамон) касе ки ба василаи қалам (навиштан) омӯхт. Ба инсон ончиро ки намедонист омӯхт". |
|---|---|

| Мартабаҳои даъвати Ӯ ﷺ | | | |
|---|---|---|---|
| | (1)Нубувват | (2) Бим додани хешованди наздикаш | (3) Бим додани қавмаш |
| | (4) Бим додани қавме, ки пеш аз Ӯ ба онон бимдиҳанда омада буд ва онон ҳамаи араб буданд. | | |
| | (5) Бим додани ҳамаи касоне ки даъвати Ӯ ба онҳо расида аст, яъне аз ҷинну инсон то охири замон. | | |

| Марҳалаҳои даъвати Ӯ ﷺ | |
|---|---|
| | (1)Даъвати пинҳонӣ: Дар аввали биъсат се сол буд. |
| | (2)Даъвати ошкоро, ҳангоме ба ин амр шуд: "Пас (эй Паёмбар!) ба он чи амр шудаӣ ошкоро даъват кун". (Сураи Ҳиҷр, ояти: 94) |

| Аввалин касоне ки ба Ӯ ﷺ имон оварданд | | |
|---|---|---|
| | Аз мардон: Абӯбакри Сиддиқ. | Аз занон: Хадиҷа бинти Хувайлид. |
| | Аз кӯдакон: Алӣ ибни Абӯтолиб. | Аз канизони озодшуда: Зайд ибни Ҳориса. |
| | Аз ғуломон: Билол ибни Рабоҳи Ҳабашӣ. | |

| Баъзе собиқон | Аз аввалинҳое ки ба Ӯ ﷺ баъди касоне ки аз аҳли хонаводааш ﷺ зикр кардем, имон оварданд, сипас Усмон ибни Аффон ва Талҳа ибни Убайдуллоҳ ва Зубайр ибни Аввом ва Саъд ибни Абӯваққос ва Абдурраҳмон ибни Авф ва Хаббоб ибни Арат ва Суҳайби Румӣ ва Аммор ибни Ёсир ва модараш Сумайя ва Абӯубайда Омир ибни Ҷарроҳ ва Усмон ибни Мазъун ва Абӯсалама ибни Абдуласад ва Утба ибни Ғазвон Аллоҳ аз ҳамаи онон ба якборагӣ розӣ бод. |
|---|---|

# БОБИ СЕЮМ: АҲДИ МАККӢ

**ОЗОРИ МУШРИКОН БА ПАЁМБАР ﷺ ВА ЁРОНАШ**

Вақте мушрикон сидқи даъвати Паёмбар ﷺ ва ҷамъ омадани мардум дар атрофи Ӯ ﷺ-ро диданд, ононро сахт озор доданд ва аз суратҳои озори мушрикон барои онон.
-Овоза карданд, ки Паёмбар ﷺ ҷодугар аст, то мардумро аз Ӯ гурезонанд ва Ӯро мухолифат кунанд.
-Овоза карданд, ки Ӯ ﷺ девона аст, то мардум Ӯро беақл донанд.
-Овозо карданд, ки Ӯ ﷺ дурӯғгӯ аст, Паёмбар ﷺ дар байнашон аз рӯи ростӣ ва амонаташ ба амин шинохта шуда буд, ин овоза онро ботил мекард.
-Паёмбар ﷺ ва он чизеро, ки оварда буд, масхара кардан.

-Ҳаргоҳ Паёмбар ﷺ меомад, то мардумро даъват кунад, сару садо ва ғавғо мекарданд, то онҳоро аз шунидани ваҳй ва ҳаққе ки оварда буд, боздоранд.

-Истиқболи касоне ки аз хориҷи Макка барои умра ё ҳаҷ ё ғайри ин ду меомаданд ва онҳоро аз Паёмбар ﷺ ҳазар мекунонданд.

-Озор додани Ӯ ﷺ дар ҷасадаш, ҳамонгуна ки Уқба ибни Абӯмуъайт кард, замоне ки либоси Ӯро кашид, наздик буд, ки Ӯро хафа кунад, то ки Абӯбакр ؓ аз Ӯ рад намуд. Ва бар Ӯ пардаи ҷанини шутурро партофт, то ки духтараш Фотима разияллоҳу анҳо аз болои Ӯ онро бардошт.

-Кӯшиши куштани Ӯ ﷺ, замоне ки ба амакаш Абӯтолиб пешниҳод карданд, ки Ӯро ба Амора ибни Валид иваз кунанд ва Ӯро бикушанд ва инчунин вақте ки Ӯ ﷺ иродаи ҳиҷрат кард, куштани Ӯро қасд карданд.

-Сахт азоб додани мӯъминони заифу нотавон, ҳамчуноне ки бар болои шиками Билол санг мегузоштанд ва ҳамчуноне ки ба хонадони Аммор ибни Ёсир ؓ ва дигарон карданд.

**ҲИҶРАТ БА СӮИ ҲАБАША**

Ҳангоме мусалмонон бисёр шуданд ва кофирон аз онҳо тарсиданд, кофирон Паёмбар ﷺ-ро сахт озор доданд ва алайҳи онон фитна бар-ангехтанд. Пас Паёмбар ﷺ ба онон ҳиҷрат кардан ба сӯи Ҳабашаро дастур дод ва Паёмбар ﷺ фармуд: "**Дар онҷо подшоҳе аст, ки мардум дар назди вай зулм карда намешаванд**".

| ҲИҶРАТ БА СӮИ ҲАБАША | ҲИҶРАТИ ЯКУМ | Дар ҳиҷрати якум 12 мард ва 4 зан ҳиҷрат кард, аз ҷумлаи онон Усмон ибни Аффон ﷺ буд. Ӯ нахустин касе буд, ки хориҷ шуд ва ҳамроҳи Ӯ ҳамсараш Руқайя бинти Расулуллоҳ ﷺ буд. Дар Ҳабаша дар накӯтарин амон ва паноҳ зиндагӣ карданд, сипас ба онон хабар расид, ки Қурайш Исломро қабул карданд ва ин хабар дурӯғ буд, пас ба сӯи Макка бозгаштанд, пас ба онон хабар расид, ки амр аз пештара сахттар аст, баъзеашон баргашт. Ва гурӯҳе дохили Макка шуданд, пас аз Қурайш озори сахт диданд ва аз касоне ки дохил шуда буд Абдуллоҳ ибни Масъуд ﷺ буд. |
|---|---|---|
| | ҲИҶРАТИ ДУЮМ | Дар ҳиҷрати дуюм 83 мард ва 18 зан ҳиҷрат кард, пас дар назди Наҷошӣ дар беҳтарин ҳол зиндагӣ карданд, пас ин хабар ба Қурайш расид, сипас онҳо Амр ибни Ос ва Абдуллоҳ ибни Абӯрабиъаро бо гурӯҳе равон карданд, то ки дар назди Наҷошӣ алайҳи онон макр кунанд, пас Аллоҳ макри онҳоро бар сари худашон гардонид. |

| | |
|---|---|
| ИСЛОМИ ҲАМЗА ВА УМАР | Соли шашуми биъсат Ҳамза ибни Абдулмутталиб ﷺ ислом овард ва Аъаззу Қурайш номида мешуд, пас ба сабаби ӯ Расулуллоҳ ﷺ азиз гашт, сипас Умар ибни Хаттоб ба баракати дуои Паёмбар ﷺ исломро қабул кард, пас мусалмонон ба ин ду қувват гирифтанд ва аз Қурайш худро нигаҳ доштанд. |
| ДАРАИ АБӮТОЛИБ | Озору азияти Қурайш ба Расулуллоҳ ﷺ сахт шуд, пас Ӯ ва хонаводаашро се сол дар дараи Абӯтолиб муҳосира карданд. Ва дар дара Абдуллоҳ ибни Аббос разияллоҳу анҳумо таваллуд шуд, пас кофирон Ӯ ﷺ-ро сахт озор доданд ва дар ҳоле ки 49 сола буд, аз муҳосира баромад. |
| ВАФОТИ АБӮТОЛИБ ВА ХАДИЧА | Баъди чанд моҳ амакаш Абӯтолиб дар сини 87 солагӣ аз дунё гузашт, сипас андак баъд Хадиҷа разияллоҳу анҳо вафот кард, пас озори кофирон бар Ӯ ﷺ сахттар шуд. |
| БАРОМАДАНИ Ӯ БА СӮИ ТОИФ | Паёмбар ﷺ ҳамроҳ бо Зайд ибни Ҳориса ﷺ ба Тоиф рафт, ба сӯи Аллоҳ таъоло даъват мекард ва чанд рӯз дар онҷо монд, пас Ӯро қабул накарданд ва Ӯро озор доданд, пеш карданд ва сангсор карданд, то ки буҷулакҳои пойҳояшро хун карданд, пас Расулуллоҳ ﷺ аз онон рӯ гардонда ба сӯи Макка бозгашт, сипас дар паноҳи Мутъим ибни Адӣ дохили Макка шуд. |

| | | |
|---|---|---|
| **ИСЛО-МИ АДДОС** | | Дар роҳи бозгашташ ﷺ бо Аддоси насронӣ вохӯрд, пас ба Паёмбар имон овард ва Ӯро тасдиқ кард. |
| **ИМОНИ ҶИН** | | Ва низ дар роҳи бозгашташ ﷺ дар мавзеъе, ки Нахла ном дошт, чанд нафаре аз ҷин, ҳафт тан аз аҳли Насибийин барояш гардонда шуд, пас Қуръонро шуниданд ва Исломро қабул карданд. |
| **ИСРО ВА МЕЪРОҶ** | | Сипас Паёмбар ﷺ ба рӯҳ ва ҷасадаш шабона ба масҷиди Ақсо бурда шуд, сипас ба рӯҳу ҷасадаш ба сӯи осмонҳо ба назди Аллоҳ азза ва ҷалла боло бурда шуд, пас Ӯро хитоб кард ва бар Ӯ намозҳоро фарз гардонид. |
| **ПЕШНИҲОД КАРДАНИ Ӯ ﷺ ИСЛОМРО БАР ҚАБИЛАҲО** | | Паёмбар ﷺ дар Макка чанд қадар зиндагӣ кард, қабилаҳоро ба сӯи Аллоҳ таъоло даъват мекард. Дар ҳар мавсими ҳаҷ худашро бар онон арз мекард, ки Ӯро ҷой диҳанд, то рисолати Парвардигорашро расонад ва барои онҳо дар муқобили ин Ҷаннат аст. Ягон қабила Ӯро қабул накард ва Аллоҳ инро аз рӯи эҳтиром барои Ансор захира кард. Пас ба шаш нафари онҳо расид, пас барои Аллоҳ ва Расулаш иҷобат карданд ва ба сӯи Мадина бозгаштанд, пас қавмашонро ба сӯи Ислом даъват карданд, то хабар дар байни онон паҳн шуд ва хонае аз хонаҳои Ансор боқӣ намонд, мамгар ки дар он зикри Расулуллоҳ ﷺ буд. |
| **АНСОР ﵃ ВА БАЙЪАТИ АҚАБА** | **БАЙЪАТИ ЯКУМ** | Соли оянда 12 мард аз Ансор Макка омаданд, панҷ нафари онон аз нафарони соли якум буд, пас бо Расулуллоҳ ﷺ бар байъати занон, ки дар сураи Мумтаҳина омадааст, дар Ақаба байъат карданд, сипас ба сӯи Мадина баргаштанд. |
| | **БАЙЪАТИ ДУЮМ** | Дар соли оянда аз онон 73 мард ва ду зан омад ва онон аҳли Ақабаи охир буданд, пас бо Расулуллоҳ ﷺ байъат карданд, ки аз он чизе ки занон, фарзандон ва худашонро ҳимоя мекунанд, Ӯро низ ҳимоя мекунанд, пас Ӯ ва ёронаш ба сӯи онон риҳлат (сафар) карданд ва Расулуллоҳ ﷺ аз онон 12 нафарро сарпараст интихоб кард. |

# БОБИ ЧОРУМ: АҲДИ МАДАНӢ

**ДАСТУРИ ҲИҶРАТ**

Расулуллоҳ ﷺ ёронаш ﷺ-ро барои ҳиҷрат кардан ба Мадина дастур дод, пас пай дар пай баромаданд, аввалини онҳо бинобар он чи ки гуфта шуд: Абӯсалама ибни Абдуласади Махзумӣ буд. Ва гуфта шуд: Мусъаб ибни Умайр буд, пас дар хонаҳои Ансор омаданд, пас онҳоро ҷой ва нусрат доданд. Ва Ислом дар Мадина паҳн шуд.
Сипас ба Расулуллоҳ ﷺ дастури ҳиҷрат дода шуд, пас рӯзи душанбе дар моҳи рабеъулаввал аз Макка хориҷ шуд ва ҳамроҳи Ӯ Абӯбакри Сиддиқ, Омир ибни Фуҳайра ғуломи озодкардаи Абӯбакр ва роҳнамои онҳо Абдуллоҳ ибни Урайқити Лайсӣ буд. Пас Паёмбар ﷺ бо Абӯбакр дар ғори Савр даромаданд, дар онҷо се рӯз монданд, сипас ба роҳи соҳил рафтанд.

**ДАРОМАДАНИ Ӯ ﷺ БА МАДИНА**

Ҳангоме Паёмбар ﷺ ва ҳамроҳонаш дар Мадина расиданд ва ин дар рӯзи душанбе, дувоздаҳ шаб аз моҳи рабеъулаввал гузашта буд. Дар Қубо дар болои Мадина бар Бани Амр ибни Авф нозил шуд, пас дар назди онон чордаҳ рӯз иқомат кард.

**Нахустин масҷид дар Ислом**

Паёмбар ﷺ масҷиди ҚубоТо таъсис дод. Ибни Умар разияллоҳу анҳумо гуфт: "**Паёмбар ﷺ ҳар рӯзи шанбе пиёда ва савора ба масҷид Қубо мерафт**". Ва Паёмбар ﷺ фармуд: "**Дар масҷиди Қубо намоз хондан, монанди аҷри ҳаҷҷи умраро дорад**".

**БИНОИ МАСҶИДИ ПАЁМБАР ﷺ**

Сипас Паёмбар ﷺ бар шутураш савор шуда рафт ва мардум Ӯро ба меҳмон шудан дар наздашон сухан мекарданд ва аз банди шутураш медоштанд, пас мефармуд: "Роҳи онро боз кунед, он амршуда аст". Пас дар назди масҷиди имрӯзаи Ӯ хоб кард ва онҷо оғили Саҳл ва Суҳайл ду ҷавони Бани Наҷҷор буд, пас дар хонаи Абӯайюби Ансорӣ ﷺ меҳмон шуд, сипас Паёмбар ﷺ масҷидашро дар мавзеи оғил Ӯ ба дасташ ва ёронаш ﷺ ба шохаи хурмо ва хишт бино кард. Сипас хонааш ва хонаҳои ҳамсаронашро дар паҳлуи масҷид бино кард ва наздиктарини хонаҳо ба Ӯ хонаи Оиша разияллоҳу анҳо буд, сипас Паёмбар ﷺ баъди ҳафт моҳ аз хонаи Абӯайюб ﷺ ба хонааш гузашт.

| | |
|---|---|
| Бародар-шавӣ | Баъде ки Паёмбар ﷺ масҷидро бино кард, дар байни муҳоҷирон, ки навад мард буданд ва Ансор ба баробарӣ ва кумак ононро бародар гардонд ва то воқеаи Бадр пас аз марг аз якдигар мерос мебурданд. |
| **ЯҲУД** | Ҳангоме Паёмбар ﷺ Мадина омад ва Ӯро яҳудиҳо диданд, донистанд, ки Ӯ дар ҳақиқат Расулуллоҳ аст ва ҳамон касест, ки Ӯро дар наздашон дар Таврот нависта шуда аст, дарёфтанд ва бо вуҷуди ин нафари каме аз онон Исломро қабул кард. Аз ҷумлаи онон олим ва донишмандашон Абдуллоҳ ибни Салом ؓ буд ва Паёмбар ﷺ бо қабилаҳои яҳуд, Бани Қайнуқоъ, Бани Назир ва Бани Қурайза оштӣ ва созиш кард |
| **ГАРДОНДАНИ ҚИБЛА** | Баъди фарз шудани намоз дар шаби Меъроҷ, Паёмбар ﷺ ба сӯи Байтулмуқаддас намоз мехонд ва дӯст медошт, ки қиблааш ба сӯи Каъба гардонида шавад, пас рӯяшро ба сӯи осмон карда инро умед мекард, пас Аллоҳ бар Ӯ ин оятро нозил кард: "Ба таҳқиқ Мо гардонидани рӯи Туро ба (сӯи) осмон мебинем, акнун Туро (сӯи) қиблае ки бо он хушнуд шавӣ бозмегардонем". (Сураи Бақара, ояти: 144) Дар соли дуюми ҳиҷрат, пас Паёмбар ﷺ қиблаашро ба сӯи Каъба гардонид. |
| **ДАСТУРИ ҶИҲОД** | Баъде ки Паёмбар ﷺ дар Мадинаи набавӣ қарор гирифт ва Ӯро Ансор ؓ манъ карданд, қавли Аллоҳ таъоло нозил шуд: "Ба касоне ки бо онон ҷанг мешавед, иҷозати (ҷиҳод) дода шуда аст аз он рӯ ки зулм дода шуданд ва ҳароина Аллоҳ бар ёрии онҳо тавоно аст. Ҳамон касоне ки ба ноҳақ аз диёрашон ронда шуданд, ҷуз ин ки мегуфтанд Парвардигори мо Аллоҳ аст". (Сураи Ҳаҷ, ояти: 39-40) Пас Аллоҳ таъоло мӯъминонро ба ҷангидан бо мушрикон дастур дод. Ва аввалин ғазваҳои Ӯ ﷺ ғазваи Абво, Бувот, Ушайра ва баъзе артишҳои пинҳонамал буд. |
| **ҒАЗВАИ БАДР** | Соли дуюм дар моҳи Рамазон Расулуллоҳ ﷺ бо сесаду чанд мард аз мӯъминон ба талаби корвони Қурайш, ки аз Шом бармегашт хориҷ шуданд, пас Абӯсуфён роҳи корвонро дигар кард ва шайтон Қурайшро барангехт, пас барои ҷангидан бо мӯъминон хориҷ шуданд. Дар Бадр рӯ ба рӯ шуданд ва ғазваи Бадри кубро (калон), ки рӯзи фурқон (ҷудоӣ) гуфта мешавад, воқеъ шуд. Ва вақте ду лашкар бо ҳам вохӯрданд, Расулуллоҳ ﷺ Парвардигорашро дуо ва зорӣ кард, пас Аллоҳ мӯъминонро ба малоикаҳо қувват дод, ки ҳамроҳи онон меҷангиданд ва Аллоҳ таъоло ононро бар алайҳи қавми кофирон нусрат дод ва калимаашро олӣ гардонид. Дар Бадр аз мушрикон ҳафтод мард кушта шуд ва аз мӯъминон чордаҳ мард ба шаҳодат расид. |

| | |
|---|---|
| **ҒАЗВАИ ҚАЙНУҚОЪ** | Соли сеюми ҳиҷрат Бани Қайнуқоъ сулҳро шикаст, пас Паёмбар ﷺ онҳоро 15 шабонарӯз муҳосира кард, сипас бар ҳукми Ӯ нозил шуданд, пас ононро раҳо кард ва онон 700 нафар буданд. |
| **ҒАЗВАИ УХУД** | Дар моҳи Шаввол ғазваи Уҳуд воқеъ шуд, замоне ки Қурайш барои аз кушташудагони Бадр интиқом гирифтан, тақрибан бо се ҳазор мард хориҷ шуданд ва ба сӯи Мадина омаданд. Паёмбар ﷺ тақрибан бо ҳафтсад саҳоба ба Уҳуд баромаданд ва аз Ӯ мунофиқон ҷудо шуданд. Дар аввали рӯз мусалмонон ғалаба карданд, сипас Аллоҳ мусалмононро имтиҳон кард ва ғалабаро барои мушрикон гардонд, то ба Расулуллоҳ ﷺ расиданд, пас Ӯро маҷрӯҳ карданду дандони рубоъияшро шикастанд ва ҳамроҳи Ӯ дар он рӯз малоикаҳо ҷангиданд ва ҳафтод саҳоба ﷺ ба шаҳодат расиданд, аз ҷумла Ҳамза ибни Абдулмутталиб, Мусъаб ибни Умайр, Анас ибни Назр, Ҳанзалаи Ғасил (шусташудаи малоика) ва дигарон буд.<br>Ва Талҳа ибни Убайдуллоҳ дар рӯзи Уҳуд сахтиҳо кашид, то ки Расулуллоҳ ﷺ фармуд: "**Талҳа воҷиб гардонд** (яъне амале кард, ки барои ӯ дохил шудани Ҷаннатро воҷиб гардонд".<br>Расулуллоҳ ﷺ бо мусалмонон ба кӯҳ баромаданд ва Аллоҳ дастони мушриконро аз онон боздошт. Рӯзи Уҳуд рӯзи имтиҳон ва тозакунӣ буд, дар он Аллоҳ мӯъминонро имтиҳон кард ва мунофиқонро ошкор кард ва касеро хост ба шаҳодат икром кард.<br>Ва баъди ғазва Расулуллоҳ ﷺ шунид, ки Қурайш бори дигар барои решакан кардани мусалмонон хориҷ шудаанд, пас Расулуллоҳ бо вуҷуди ҷароҳатхое ки дар мусалмонон буд, ба сӯи Қурайш хориҷ шуд, ҳангоме мусалмонон дар Ҳамроуласад расиданд, ин хабар ба Қурайш расид, пас онон қафо гаштанд ва ба сӯи Макка бозгаштанд. |
| **СОЛИ ЧОРУМИ ҲИҶРӢ** | Соли чорум воқеъаи Биъри маъуна буд, ки дар он ҳафтод қорӣ аз саҳобагон кушта шуд ва ғазваи Бани Назир буд, ки Паёмбар ﷺ онҳоро муҳосира кард, то ки Аллоҳ дар дилҳои онон тарсро андохт ва Паёмбар ﷺ онҳоро аз Мадина хориҷ кард ва оиди онҳо сураи Ҳашр нозил шуд. |
| **ҒАЗВАИ МУРАЙСИЪ** | Соли панҷум Паёмбар ﷺ барои ҷангидан бо Бани Мусталиқ хориҷ шуд ва Паёмбар ﷺ пирӯз баргашт ва дар роҳи баргаштанаш таяммум машрӯъ гашт ва ҳодисаи туҳмат рӯх дод, замоне ки мунофиқон Уммулмӯъминон Оиша разияллоҳу анҳоро дар ҳоле ки ӯ поку покиза буд тӯҳмат карданд. Ин бар ӯ ва Расулуллоҳ ﷺ сахт омад, то ки Аллоҳ покии ӯро дар сураи Нур нозил кард ва тӯҳматкунандагон аз рӯи ҳад дура зада шуданд. |

**ҒАЗВАИ АҲЗОБ**

Соли панҷум дар моҳи Шаввол ғазваи Хандақ (Аҳзоб) воқеъ шуд, замоне ки яҳуд бо Қурайш ва ҳампаймонҳояшон бар ҷангидан алайҳи Паёмбар ﷺ ва ёронаш мувофиқат карданд. Пас аз Қурайш, Бани Сулайм, Бани Асад, Фазора, Ашҷаъ ва дигарон даҳ ҳазор ҷамъ шуда ба сӯи Мадина омаданд.

Салмони Форсӣ ؓ ба Паёмбар ﷺ ба кандани хандақ машварат дод, ки онҳоро аз ҳизбҳо ҳимоя мекунад, пас Расулуллоҳ ﷺ бо се ҳазор нафар хориҷ шуд ва ба кӯҳи Салъ паноҳ бурд ва хандақро дар пешаш қарор дод. Ва ба ҳампаймонҳояш Бани Қурайза эътимод кард, магар ки онон аҳдро шикастанд ва бо ҳизбҳо мувофиқат карданд. Паёмбар ﷺ ба сӯи онон ва ҳизбҳо Нуъайм ибни Масъуд разияллоҳу анҳуро фиристод, пас бо онон ҳиларо ба кор бурд ва дар байнашон фасод андохт. Сипас Аллоҳ бар ҳизбҳо лашкаре аз бодро фиристод, хаймаҳояшонро вайрон кард ва дегҳояшонро чапа намуд, пас бод онҳоро ба ларза даровард ва дар дилҳояшон тарсро андохт ва ононро хору залил гардонд, пас чизе ба даст наоварда бозгаштанд.

Паёмбар ﷺ ба сӯи Бани Қурайза баромад ва дар онон Саъд ибни Муоз ؓ-ро довар гирифт.

Дар ин ғазва сураи Аҳзоб нозил шуд.

**СУЛҲИ ҲУДАЙБИЯ**

Соли шашум Паёмбар ﷺ бо ҳазору чорсад саҳоба ба қасди ҳаҷҷи умра хориҷ шуд, ҳангоме дар Ҳудайбия расид, Қурайш Ӯро аз даромадани Макка боздоштанд ва бо ҳам сулҳ бастанд, ки даҳ сол намеҷанганд, пас ин барои мусалмонон фатҳу пирӯзи буд, ҳамчуноне ки Аллоҳ таъоло фармуд: "Ба ростӣ Мо барои Ту (фатҳ ва) пирӯзии ошкор муқаррар кардаем". (Сураи Фатҳ, ояти: 1)

Аз бандҳои сулҳ ин буд, ки Қурайш барои мӯъминон ба даромадани Макка дар соли оянда барои адои умар иҷозат доданд. Пас умраи қазо дар моҳи зулқаъдаи соли ҳафтум буд.

**ҒАЗВАИ ХАЙБАР**

Бист рӯз пас аз бозгаштанаш аз Ҳудайбия, ба сӯи Хайбар, ки дар шимоли Мадина воқеъ аст, хориҷ шуд, пас яҳудро тақрибан бист рӯз муҳосира кард, мусалмонон дар он сахт кӯшидан, ҳангоме ки яҳуд ба ҳалок шуданашон яқин карданд, аз Паёмбар ﷺ дархости сулҳ карданд, пас бо онон бар нигаҳ доштани хунашон ва аз Хайбар танҳо ба либосҳояшон баромадан сулҳ кард, сипас онҳоро бар кор кардан дар заминашон бар нисфи ҳосиле ки хориҷ мешавад ба кор гирифт.

**ОМДАНИ ҶАЪФАР**

Ҳангоме ки Паёмбар ﷺ дар Хайбар буд, Абӯҳурайра ؓ дар ҳоле ки мусалмон шуда буд, ба Мадина омад ва инчунин Ҷаъфар ибни Абӯтолиб писари амакаш ﷺ ва касоне ки бо ӯ дар Ҳабаша монда буданд, омаданд. Пас назди Расулуллоҳ ﷺ ба Хайбар ногаҳон омаданд ва ҳамроҳи онҳо Ашъариҳо, Абӯмусо ва ёронаш ؓ омаданд.

**ҒАЗВАИ МӮЪТА**

Соли ҳаштум ғазваи Мӯъта буд ва сабаби ин ғазва ин буд ,ки Шураҳбил ибни Амри Ғассонӣ намояндаи Расулуллоҳ ﷺ-ро, ки ба сӯи подшоҳи Рум фиристода буд, кушт. Пас Расулуллоҳ ﷺ се ҳазор аз саҳобагонашро фиристод ва бар онҳо дӯстдоштааш Зайд ибни Ҳориса ؓ-ро амир таъйин кард ва фармуд: "Агар Зайд кушта шуд, пас Ҷаъфар ибни Абӯтолиб бар мардум амир аст ва агар Ҷаъфар кушта шуд, пас Абдуллоҳ ибни Равоҳа амир аст". Пас Ҳиракл бо ҳампаймонони арабаш бо дусад ҳазор лашкар хориҷ шуд, пас дар Мӯъта вохӯрданд ва ҷанг шуд, пас амирони Паёмбар ﷺ ба шаҳодат расиданд, сипас Холид ибни Валид ؓ парчамро гирифт, пас нек роҳбарӣ кард ва мусалмононро муттаҳид кард, то ки онҳоро аз душмани Аллоҳ ва душманашон халос кард.

**ФАТҲИ МАККАИ БУЗУРГ**

Дар худи ҳамон сол, Бани Бакр, ки ҳампаймонҳои Қурайш буд бар Хузоъа, ки ҳампаймонҳои Паёмбар ﷺ буд, тааддӣ карданд ва ононро Қурайш бар ин кор пинҳонӣ ёрӣ доданд. Вақте ин хабар ба Паёмбар ﷺ расид қасди фатҳи Макка кард. Абӯсуфён ба Мадина омад, то бо Паёмбар ﷺ сухан кунад, пас ӯро гуш накард ва бо Абӯбакр, Умар ва Алӣ суан кард, ки бо Паёмбар ﷺ гуфтугӯ кунанд, пас ӯро рад карданд. Ва Паёмбар ﷺ Аллоҳро дуо кард, киқасдашро аз Қурайш пинҳон кунад, пас хуруҷаш бар алайҳи ононро надонанд, пас Аллоҳ дуояшро қабул кард. Паёмбар ﷺ бо даҳ ҳазор лашкар хоиҷ шуд, то ки дохили Макка шуд. Ва пештар аз фатҳи Макка амаки Расулуллоҳ ﷺ Аббос ибни Абдулмутталиб ؓ Ислом овард. Паёмбар ﷺ дар вақти фатҳи Макка фармуд: "Касе дохили хонаи Абӯсуфён шавад, пас ӯ дар амон аст ва касе дохили масҷид шавад, пас ӯ дар амон аст ва касе дарашро махкам кунад, пас ӯ дар амон аст". Паёмбар ﷺ наҷангид, магар бо касоне ки ба сӯи ҷанги Ӯ шитофтанд, ҷуз касоне ки Ӯ ﷺ ва мусалмононро озор дода буданд, хунашонро ҳалол гардонид. Ва вақте дохили Каъба шуд, беэҳром Хонаро тавоф кард, сипас Усмон ибни Талҳаро даъват кард, аз ӯ калиди Каъбаро гирифт, пас бутҳое ки дар он ва атрофи он буд, шикаст, сипас калидро ба Усмон ибни Талҳа гардонд.
Ва баъди фатҳи Макка мардуми бисёре Ислом овард, балки қабилаҳо гурӯҳ-гурӯҳ мусалмон шуда ба назди Паёмбар ﷺ меомаданд.

**ШИКАСТАНИ БУТҲО**

Баъде ки Аллоҳ бар Паёмбараш ﷺ Маккаро кушод, саҳобагонашро барои шикастани бутҳое, ки дар атрофи Макка буд, фиристод. Амр ибни Ос-ро барои хароб кардани Сувоъ ва Саъд ибни Зайд -ро барои хароб кардани Манот ва Холид ибни Валид -ро барои хароб кардани Уззо ва Туфайл -ро барои хароб кардани Зулкаффайн ва Алӣ -ро барои хароб кардани бути Тайъ фиристод.

**ҒАЗВАИ ҲУНАЙН**

Вақте Ҳавозин фатҳи Маккаро шунидан, ҷамъ шудан ба сӯи Расулуллоҳ ﷺ рафтан ва ҳамроҳашон молҳо, занон ва кӯдаконашонро оварданд, пас Расулуллоҳ ﷺ бо дувоздаҳ ҳазор нафар ба сӯи онон рафт ва мусалмононро бисёрияшон хуш омад, то ки ба водии Ҳунайн расиданд, пас Ҳавозин бар онон монанди ҳамла кардани як шахс сахт ҳамла карданд, то ки мардум аз тарси сахт аз назди Паёмбар ﷺ бо шитоб рафтанд ва ҳамроҳи Ӯ ﷺ чанд нафар аз муҳоҷирон ва хонаводааш собит монданд. Сипас Аллоҳ касонеро ки имон оварда буданд, собитқадам гардонд, пас ба сӯи Паёмбар ﷺ бозгаштанд ва ҳамроҳи Ӯ ҷангиданд, то ки Аллоҳ онҳоро бар душманашон пирӯз гардонд ва Ҳавозин ба сӯи Тоиф гурехт. Сипас чордаҳ мард аз Ҳавозин  мусалмон шуда ба назди Паёмбар ﷺ омаданд, пас аз Расулуллоҳ дархост карданд, ки асиронро бар онон бибахшад, пас бахшид ва мардум бо Ӯ бахшиданд.

**ҒАЗВАИ ТОИФ**

Баъде ки Паёмбар ﷺ аз набарди Ҳавозин фориғ шуд, қасди набард бо Тоифро кард, пас Тоиф рафт ва қалъаро 18 рӯз муҳосира кард, сипас Паёмбар ﷺ бенабард бозгашт.

**ҒАЗВАИ ТАБУК**

Соли нуҳум ғазваи Табук (ғазваи Усра) рух дод, дар вақте ки ҳаво сахт гарм буд ва вақти ҳосили меваҳо ва соягӣ буд, пас ба сӯи он рафтан бар мардум сахт буд. Ҳангоме ки Паёмбар ﷺ қасди рафтан кард, мардумро бар нафақа додан, ташвиқ кард. Усмон се сад шутурро бо полонаш ва ҳазор динор садақа кард, пас Паёмбар ﷺ фармуд: "**Усмон он чизе ки пас аз ин кунад, бар ӯ зарар намекунад**". Ва саҳобагон ба қадри тавоноияшон садақа карданд.
Ва ҳамаи мунофиқон бо Паёмбар ﷺ иштирок накарданд ва аз беҳтарини саҳобагон се нафар беузр иштирок накарданд, онон Каъб ибни Молик, Ҳилол ибни Умайя ва Мирора ибни Рабеъ буданд, пас ба Паёмбар ﷺ узр оварданд, ҳангоме ки ба Мадина бозгашт. Дар шаъни онон ояти сураи Тавба нозил шуд: "Ва ба он се нафаре ки (аз ҷанги Табук) қафонишинӣ карданд". (Сураи  Тавба. Ояти: 118). Пас Аллоҳ ҳангоме ки рост будани ононро донист, тавбаи ононро қабул кард ва Аллоҳ дар ин сура мунофиқонро мазаммат кард ва бар онон муҳр зад, пас ин сура сураи Фозиҳа номида шуд, зеро онон расво кард.

**ҒАЗВАИ ТАБУК**

Дар ин ғазва Паёмбар ﷺ бо соҳиби Айла бар пардохти ҷузя сулҳ кард. Ва инчунин бо аҳли Ҷарбо ва Азраҳ сулҳ кард ва барои онон номае навишт. Ва инчунин бо Укайдири Давма бар пардохти ҷузя сулҳ кард. Паёмбар ﷺ дар Табук аз даҳ шаб бештар монд, сипас ба сӯи Мадина баргашт ва бо ҷанге рӯ ба рӯ нашуд.
Вақте ба Мадина баргашт, Аллоҳ Ӯро ба вайрон кардани масҷиди Зирор, ки мунофиқон сохта буданд, амр намуд "барои зиён расонидан (ба мусалмонон) ва (тақвияти) куфр ва тафриқаангезӣ дар миёни мӯъминон, масҷиде сохтанд ва (то) каминготҳе барои касоне ки аз пеш бо Аллоҳ ва расулаш мубориза карданд, бошад", (сураи Тавба, ояти: 107) Пас Паёмбар ﷺ онро вайрон кард ва ин охирон ғазвае аст, ки Паёмбар ﷺ дар он ҳузур дошт.

**НАМОЯНДАҲО**

Баъди ғазваи Табук Сақиф ислом овард ва соли нуҳумро соли намояндагон гуфта шуд, пас қабилаҳо ба назди Паёмбар ﷺ мусалмон шуда меомаданд, аз ҷумлаи онон гурӯҳи Бани Тамим буд ва раиси онон Аторид ибни Ҳоҷиби Тамимӣ ва гурӯҳи Тайъ ва раиси онон Зайд ал-Хайл ва гурӯҳи Абдулқайс ва раиси онон Ҷоруди ал-Абдӣ буд. Ва Бани Ҳанифа омад ва дар миёни онон Мусайламаи каззоб (бисёр дурӯғгӯ), ки баъдан иддиои паёмбарӣ кард, омада буд.

**ҲАҶҶИ АБӮБАКР**

Дар соли нуҳум Паёмбар ﷺ Абӯбакр ﷺ-ро амири ҳаҷ таъйин карда ба ҳаҷ фиристод, пас ҳаҷро барои мардум барпо кард. Паёмбар ﷺ Алӣ ﷺ-ро фиристод, ки аввали сураи Тавбаро бар мардум тиловат кунад ва аҳдҳои мушриконро дур андохт ва дар мардум эълон намуд, ки баъди имсол мушрике ҳаҷ намекунад ва Хонаро белибос тавоф намекунад, ҳамонгуна ки аҳли ҷоҳилият мекарданд.

**ҲАҶҶИ ВАДОЪ**

Дар соли даҳум Расулуллоҳ ﷺ ҳаҷҷи вадоъ намуд ва мусалмонон аз қабилаҳои мухталиф ва шаҳрҳо бо Паёмбар ﷺ ба ҳаҷ рафтанд, то ки бештар аз сад ҳазор расиданд. Пас Паёмбар ﷺ ба онон аъмоли ҳаҷро таълим дод ва дар рӯзи Арафа ба онон хутба кард ва фармудаи Аллоҳ таъолоро тиловат кард: "Имрӯз дини шуморо комил кардам ва неъмати худро бар шумо тамом намудам ва Исломро (ба унвони) Дин барои шумо интихоб кардам". (Сураи Моида, ояти: 3) Пас ба онон хабар дод, ки Динро комил кард ва ононро ба лозим гирифтани Қуръон ва Суннат васият кард ва хунҳо, молҳо ва обрӯяшонро бар якдигарашон ҳаром гардонд, пас аз ҷониби Ӯ ﷺ хутбаи вадоъ буд.

**ЛАШКАРИ УСОМА**

Дар моҳи сафари соли ёздаҳум Паёмбар ﷺ лашкареро барои ҷанги Рум омода кард ва бар он Усома ибни Зайд разияллоҳу анҳуро амир таъйин кард, пас хориҷ шуд ва аскар дар Ҷурф буд, хабари бемории Ӯ ﷺ ба онон расид.

# ХУЛОСАИ ҒАЗВАҲОИ Ӯ ﷺ

## ХУЛОСАИ ҒАЗВАҲОИ Ӯ ﷺ ВА АРТИШҲО ВА ЛАШКАРҲОИ Ӯ

Ҳамаи ғазваҳо, артишҳо ва лашкарҳои пинҳонамали Ӯ ﷺ баъди ҳиҷрат дар муддати даҳ сол воқеъ шуд. Аммо артишҳо ва лашкарҳои пинҳонамали Ӯ ﷺ тақрибан шасто буд ва ғазваҳо 27-то буд. Паёмбар ﷺ дар нуҳтои он ҷангид, аз ҷумла дар Бадр, Уҳуд, Хандақ, Қурайза, Мусталиқ, Хайбар, Фатҳ, Ҳунайн ва Тоиф ва дар баъзеаш Қуръон нозил шуд:

### ОН ЧИ КИ ДАР ҚУРЪОН АЗ ҒАЗВАҲОИ Ӯ ﷺ НОЗИЛ ШУДА АСТ

Ғазваи Бадр: Дар он сураи Анфол нозил шуд ва онро сураи Бадр гуфта мешавад.

Ғазваи Уҳуд: Дар он охири сураи Оли Имрон нозил шуд, аз фармудаи Ӯ таъоло: "(Ва ба ёд ор) замонеро ки (дар ҷанги Уҳуд) бомдодон аз миёни хонаводаи худ берун омадӣ (ва) мӯъминонро барои ҷангидан дар мавзеъҳое мегуморӣ", (Оли Имрон, ояти: 121) то андак пештар аз охири сура.

Ғазваи Хандақ, Бани Қурайза ва Хайбар дар он аввали сураи Аҳзоб нозил шуд.

Ғазваи Бани Назир, дар он сураи Ҳашр нозил шуд.

Ғазваи Ҳудайбия ва Хайбар: Дар он сураи Фатҳ нозил шуд ва дар он ба фатҳ ишора шуд ва дар сураи Наср фатҳ ошкоро зикр карда шуд.

Ғазваи Табук: Дар он чанд ояте аз сураи Тавба нозил шуд.

Паёмбар ﷺ дар як ғазва ва он ғазваи Уҳуд буд, ҷароҳат бардошт ва ҳамроҳи Ӯ малоикаҳо дар ғазваи Бадр, Уҳуд ва Ҳунайн ҷангиданд ва малоикаҳо дар рӯзи Хандақ нозил шуданд пас мушриконро ба ларза оварданд ва онҳоро шикаст доданд ва дар он дар рӯйҳои мушрикон сангреза партофт, пас онҳо гурехтанд ва дар ғазваи Бадр ва Ҳунайн фатҳу пирӯзӣ буд. Ва дар як ҷанг бо манҷаниқ ҷангид ва он дар Тоиф буд ва дар як ғазва ба хандақ паноҳ бурд ва он ғазваи Аҳзоб буд, ки Салмони Форсӣ رضي الله عنه ба Ӯ машварат дода буд.

# БЕМОРИ ВА ВАФОТИ Ӯ ﷺ

БЕМОРИ ﷺ ВА ВАФОТИ Ӯ ﷺ

Сипас Аллоҳ таъоло ба Паёмбараш ﷺ дар байни дунё ва вохӯрии Аллоҳ таъоло ва Ҷаннат ихтиёр дод, пас Паёмбар ﷺ вохӯрии Аллоҳ ва Ҷаннатро ихтиёр кард. Пас Паёмбар ﷺ сахт бемор шуд ва аз ҳамсаронаш иҷозат пурсид , ки бемориашро дар хонаи Оиша разияллоҳу анҳо гузаронад, пас барояш иҷозат дода шуд. Ҳангоме ки дар масҷид намоз хонда натавонист, Абӯбакр ؓ-ро амр кард, ки намози мардумро бихонад, аз рӯи ишора кардан ба сазовор будани ӯ ба хилофати пас аз Ӯ ﷺ. Рӯзи душанбе, дувоздаҳуми рабеъулаввали соли ёздаҳум Паёмбар ﷺ ба сӯи мардум хориҷ шуд, дар ҳоле ки онҳо намози субҳро мехонданд, пас пардаро бардошт ва даро кушод, то ки Ӯро диданд, пас ба онон ишора кард, ки намозатонро тамом кунед ва барои онон табассум кард, сипас вақте зуҳо (чошт) сахт шуд, Паёмбар ﷺ вафот кард ва вафоти Паёмбар ﷺ калонтарин мусибат буд, ки бар мусалмонон омад, пас бар марги Паёмбар ﷺ ғами сахте мусалмононро фаро гирифт, сипас мардум бар хилофати Абӯбакр ؓ ҷамъ шуданд, пас бо ӯ бар хилофат байъат карданд ва ягон кас аз байъати ӯ қафонишинӣ накард, аз барое ки мардум аз собиқон будани ӯро дар Ислом ва фазли ӯро бар соири уммат баъди Паёмбараш ﷺ медонистанд. Сипас Паёмбар ﷺ шуста шуд ва дар се либоси сафед кафан карда шуд, сипас дар мавзеъе, ки вафот карда буд, дар ҳуҷраи Уммулмӯъминон Оиша разияллоҳу анҳо дафн карда шуд. Ин суннати Аллоҳ дар анбиёаш аст, ки онҳоро дар ҷое ки миронида шуданд, дафн карда мешаванд ва бар Ӯ инсу ҷин намози ҷаноза хонданд, салавоти Парвардигорам ва саломи Ӯ бар вай бод. Гувоҳӣ медиҳем, ки Ӯ ﷺ амонатро адо кард ва умматро насиҳат кард ва дар роҳи Аллоҳ чуноне ки шоистаи ҷиҳод буд, ҷиҳод кард. Пас Аллоҳ Ӯро аз ҷониби умматаш беҳтарин ҷазое ки паёмбар аз ҷониби умматаш ҷазо дода мешавад, ҷазо диҳад. Ва ҳамд барои Аллоҳ Парвардигори оламиён аст.

## Хотима

Ҳассон ибни Собит ؓ шоири Расулуллоҳ ﷺ гуфт:

يَـــــا رَبِّ! فَاجْمَعْنَـــــا مَعًـــــا نَبِيَّنَـــــا ... فِـــي جَنَّـــةٍ تُثْنِـــي عُيُـــونَ الْحُسَّـــدِ

فِـــي جَنَّـــةِ الْفِـــرْدَوْسِ وَاكْتُبْهَـــا لَنَـــا ... يَـــا ذَا الْجَـــلَالِ وَذَا الْعُـــلَا وَالسُّـــؤْدَدِ

صَـــلَّى الْإِلَـــهُ وَمَـــنْ يَحُـــفُّ بِعَرْشِـــهِ ... وَالطَّيِّبُـــونَ عَلَـــى الْمُبَـــارَكِ أَحْمَـــدِ

Эй Парвардигор! Моро ҳамроҳ бо паёмбарамон дар Ҷаннате, ки чашмони ҳасадхӯронро мегардонад, дар Ҷаннати Фирдавс ҷамъ ор, эй Зулҷалол ва соҳиби бартарӣ ва бузургӣ. Аллоҳ ва касоне ки ба Аршаш гирд омаданд ва покон бар Аҳмади муборак салот мефиристанд.

# ИМТИҲОНИ СЕЮМ

| савол | дуруст | хато |
|---|---|---|
| ⎈ Паёмбар ﷺ гусфанд чаронид, пас ин сабаби сар ва раҳмати Ӯ бар заифон ва риояи онон гашта буд. | ☐ | ☐ |
| ⎈ Вақте Паёмбар ﷺ ба сини чилсолагӣ расид, бар Ӯ нури нубувват дурахшид ва Аллоҳ таъоло Ӯро дар рӯзи ҷумъа ба рисолаташ икром кард | ☐ | ☐ |
| ⎈ Озори Қурайш бар Паёмбар ﷺ сахт шуд, пас Ӯ ва хонаводаашро дар дараи Абӯтолиб се сол муҳосира карданд ва Паёмбар ﷺ аз муҳосира баромад, дар ҳоле ки 49 сол дошт. | ☐ | ☐ |

⎈Паёмбар ﷺ дар Макка таваллуд шуд: ☐ Соли Фил. ☐ 53 сол пеш аз ҳиҷрат. ☐ Ҳамагӣ.

⎈ Ибтидои ваҳйи Ӯ ﷺ: ☐ Дар назди Ӯ гӯшанишинӣ маҳбуб гардонда шуд. ☐ Хоби нек. ☐ Ҳамагӣ.

⎈ Шумораи мартабаҳои ваҳй: ☐ Панҷто. ☐ Ҳафто. ☐ Сето.

⎈ Мартабаҳои даъвати Ӯ ﷺ: ☐ Дуто. ☐ Сето. ☐ Панҷто.

⎈Сипас ба рӯҳу ҷасадаш ﷺ ба масҷиди Ақсо шабона бурда шуд, сипас ба сӯи болои осмонҳо (....) ба сӯи Аллоҳ азза ва ҷалла боло бурда шуд, пас Ӯро хитоб кард ва бар Ӯ намозҳоро фарз гардонд: ☐ Ба ҷасадаш. ☐ Ба рӯҳаш. ☐ Ба рӯҳу ҷасадаш.

⎈Аввалин масҷид дар Ислом: ☐ Масҷиди Ҳаром. ☐ Набавӣ. ☐ Ақсо. ☐ Қубо.

⎈Гардондани қибла: ☐ Дар Макка пеш аз ҳиҷрат. ☐ Дар соли дуюми ҳиҷрӣ. ☐ Дар соли сеюми ҳиҷрӣ буд.

⎈ Ғазваи Бадр дар Рамазон соли: ☐ Дуюми ҳиҷрӣ. ☐ Сеюми ҳиҷрӣ буд.

| Аввалин касе ки ба Расулуллоҳ ﷺ имон овард: | Алӣ ибни Абӯтолиб | Билол ибни Рабоҳ | Зайд ибни Ҳориса | Абӯбакр |
|---|---|---|---|---|
| Аз мардон | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |
| Аз кӯдакон | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |
| Аз ғуломони озодшуда | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |
| Аз ғуломон | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |

| Кафолати Ӯ ﷺ: | Абӯ-толиб | Абдулмут-талиб | Қариб 8 сола буд | Абдуллоҳ ибни Абдулмутталиб | 7 сол |
|---|---|---|---|---|---|
| Пас аз модараш бобояш Ӯро ба кафолат гирифт | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |
| Сипас бобояш вафот кард ва Ӯ ﷺ | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |
| Сипас амаки ҳамхуннаш Ӯро ба кафолат гирифт | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |
| Расулуллоҳ ﷺ ҳамл буд | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |
| Модараш вафот кард ва ...пур накарда буд | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |

| Ғазваҳо ва артишҳои Ӯ ﷺ: | 10 сол | шаст | 27 | нуҳтои он | як ғазва |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамаи артишҳо ва лашкарҳои Ӯ баъди ҳиҷрат дар муддати | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |
| Лашкарҳо ва артишҳои Ӯ қариби | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |
| Адади ғазваҳои Ӯ ﷺ | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |
| Паёмбар ﷺ ҷангид дар | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |
| Ва Ӯ ﷺ ҷароҳат бардошт дар | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ | ☐ |

# ФЕҲРАСТИ МАВЗӮЪҲО


| | | |
|---|---|---|
| Пешгуфтори китоб | ........................................ | 3 |
| Рафтори Паёмбар ﷺ | ........................................ | 5 |
| Имтиҳони якум | ........................................ | 13 |
| Роҳнамоии Паёмбар ﷺ | ........................................ | 16 |
| Имтиҳони дуюм | ........................................ | 21 |
| Аз хусусиятҳои Паёмбар ﷺ | ........................................ | 25 |
| Хешовандон ва ҳамсарони Паёмбар ﷺ | ........................................ | 28 |
| Саргузашти Паёмбар ﷺ пеш аз паёмбарӣ | ........................................ | 33 |
| Ибтидои ваҳй | ........................................ | 35 |
| Аҳди Маккӣ аз саргузашти Паёмбар ﷺ | ........................................ | 38 |
| Аҳди Маданӣ аз саргузашти Паёмбар ﷺ | ........................................ | 41 |
| Хулосаи ғазваҳои Ӯ ﷺ | ........................................ | 48 |
| Бемори ва вафоти Ӯ ﷺ | ........................................ | 49 |
| Имтиҳони сеюм | ........................................ | 50 |
| Феҳрасти мавзӯъҳо | ........................................ | 52 |

БА ТОҶИКӢ ТАРҶУМА ШУДААСТ

МУХТАСАРИ МУФИД БАРОИ САРГУЗАШТИ МУСТАФО САЛАЛЛОҲУ АЛАЙҲИ ВА САЛЛАМ ВА АХЛОҚИ Ӯ, БО ЗАБОНИ ТОҶИКӢ,
БА ҚАЛАМИ ДОКТОР ҲАЙСАМ САРҲОН, ДОРОЙ КАЛИМАҲОЙ КАМЕ БЕ ҲОЧАТМАНД НАМЕМОНАД ОН ШАХСЕ КИ ЯК ЗАРРАЕ
ҲИММАТИ ШИНОХТАНИ ПАЙҒАМБАРАШ САЛАЛЛОҲУ АЛАЙҲИ ВА САЛЛАМ ВА САРГУЗАШТУ ХИДОЯТНОМАҲОЯШ ВА
МУҲИМТАРИН ВАСФҲОЙ ҶИСМОНӢ ВА АХЛОҚИЯШ РО ДОШТА БОШАД, ВА ИНЧУНИН ШИНОХТАНИ ХЕШУ АҚРАБОЯШ ВА ЗАВҶАҲОЯШ.
НАВИСАНДА ИН РО ДАР ЯК ШАКЛИ ЗЕБО ТАҚСИМБАНДИ КАРДА ВА БАЪДИ ҲАР ТАҚСИМБАНДИ САВОЛҲО В
А ОЗМОИШИҲО ГУЗОШТААСТ ҲАМАЙ ИН НА БА ШАКЛИ МУХТАСАРЕ КИ КАМБУДИ ДОШТА ВА НА ТУЛОНИЕ КИ ХАСТА КУНАНДА БОШАД.


alsarhaan.com

معهد السنة
As-Sunnah College
mahadsunnah.com

learnplaykids.com